# ДӮСТӢ ВА ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ

# АҲЛИ БАЙТ ВА САҲОБА

## намунаҳои роҳнамо ва далолаткунанда бар алоқа ва иртиботи самимӣ миёни аҳли байт ва саҳоба

*Таҳия ва танзими муҳаққиқ:*
Алӣ ибни Ҳамди Тамимӣ

*Тарҷумаи:*
Муҳаммадиқболи Садриддин

ББК

***Бунёди ҷамъиятии «Васатият» тақдим мекунад***


| | |
|---|---|
| *Номи китоб:* | ***Дӯстӣ ва хешовандӣ миёни аҳли байт ва саҳоба*** |
| *Тарҷума:* | ***Муҳаммадиқболи Садриддин*** |
| *Муҳаррири масъул:* | ***Файзуллоҳи Аҳё*** |
| *Муқорини матн бо асли арабӣ:* | ***Абдулҳаннони Абдурраҳмон*** |
| *Ҳуруфчин:* | ***Абдулқодири Зайдуллоҳ*** |
| *Тарроҳ ва саҳфабанд:* | ***Фаридуллоҳи Исматуллоҳ*** |
| *Ношир:* | |
| *Таърихи чоп:* | |
| *Теъдод:* | |

**ISBN**

بسم الله الرحمن الرحيم

# ПЕШГУФТОРИ МУТАРҶИМ

Ҳамду сипос мегӯям Худои ягонаро ва шаҳодат медиҳам, ки маъбуди барҳаққе ба ҷуз Аллоҳи Ягона нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) банда ва паёмбари барҳаққи Худо (ҷ) аст. Ба таҳқиқ Муҳаммад (с) рисолати паёмбариашро ба пуррагӣ расонида ва амонаташро адо намуд ва уммат ва пайравонашро ба хубӣ насиҳат кард.

Салому дуруди Худованд бар Паёмбари Худо (с) ва бар Аҳли байти пок ва Асҳоби бузургвораш ва он идда мардумоне, ки ба рисолати он Ҳазрат (с) имон оварда ва ба хубӣ аз онҳо пайравӣ намуданд то ин, ки он даъвати бобаракат ба мо расид.

Хело шодам, ки боз як китоби ҳаҷман хурд, вале осору маълумоти дар он дарҷ ёфта бисёр боарзиш ба чоп расид. Бояд хотиррасон намоям, ки санадҳои ин овезаҳои табақабандишуда аз чандин китобҳои дар байни умуми мусулмонон мӯътабар гирдоварӣ шуда ва дар поварақиҳо сабт гаштаанд.

Аҳамият ва хусусияти ин китоби рангаи зебо дар он аст, ки хонанда бо мутолиаи он аз муҳаббати самимии мавҷуд дар миёни Аҳли байти Расули акрам (с) ва Асҳоби гиромияш ба шакли дақиқ ва равшан огоҳӣ меёбад.

Китоб, ки дар мавриди дӯстӣ ва хешовандӣ миёни Аҳли байт ва Асҳоби гиромиқадри Паёмбари акрам (с) маълумотҳоро пешкаш мегардонад, мехостам дар ин робита каме равшанӣ андозам то хонандаи гиромӣ қабл аз оғози мутолиаи китоб каме ҳам бошад дар мавриди мавзӯъҳои он огоҳии сатҳӣ дошта бошад.

Воқеан яке аз мусалламоти дини ислом ин аст, ки чӣ гуна қадру манзалат доштани Аҳли байти Расули акрам (с) ва Саҳобагони ӯро дар назди Аллоҳ таъоло бишиносем. Ба ин хотир мехоҳам ҳамроҳ ба сайри гулзори Қуръон ва Суннат биравем ва бубинем, ки ин ду марҷаъи аслӣ дар мавриди он ахтарони тобноки дини ислом чӣ мегӯянд.

Дар ин ҷо намунаҳоеро аз Қуръони карим меорем, ки Худои Субҳон дар фазилати саҳобагони Расули Худо (с) фармудааст:

**1-** Худо (ҷ) мефармояд:

مُّحَمَّدٞ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلۡكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيۡنَهُمۡۖ تَرَىٰهُمۡ رُكَّعٗا سُجَّدٗا يَبۡتَغُونَ فَضۡلٗا مِّنَ
ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٗاۖ سِيمَاهُمۡ فِي وُجُوهِهِم مِّنۡ أَثَرِ ٱلسُّجُودِۚ ذَٰلِكَ مَثَلُهُمۡ فِي ٱلتَّوۡرَىٰةِۚ وَمَثَلُهُمۡ فِي ٱلۡإِنجِيلِ كَزَرۡعٍ
أَخۡرَجَ شَطۡـَٔهُۥ فَـَٔازَرَهُۥ فَٱسۡتَغۡلَظَ فَٱسۡتَوَىٰ عَلَىٰ سُوقِهِۦ يُعۡجِبُ ٱلزُّرَّاعَ لِيَغِيظَ بِهِمُ ٱلۡكُفَّارَۗ وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ
ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنۡهُم مَّغۡفِرَةٗ وَأَجۡرًا عَظِيمَۢا ٢٩

**«Муҳаммад – паёмбари Худо ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгиранд ва бо якдигар меҳрубон (**яъне, дар муқобили мухолифони динашон сахтгирӣ мекунанд ва дар муқобили мувофиқони дини худ меҳру нармиш ва утуфат нишон медиҳанд, чунки Худованд ба мӯъминон фармон додааст, ки нисбат ба куффор ғализ ва сахтгир бошанд**). Онҳоро бинӣ, ки рукӯъ мекунанд, ба саҷда меоянд** (яъне, порсоёни шаб ва шерони рӯз ҳастанд) **ва** (ба василаи тоъату ибодати Худ) **талабкунандаи фазлу хушнудии Худо ҳастанд. Нишонаашон асари саҷдаҳоест, ки бар чеҳраҳои онҳост. Ин аст васфашон дар Таврот ва дар Инҷил, ки чун киштзоре ҳастанд, ки ҷавона** (хӯша) **бизанад ва он ҷавона маҳкам шавад ва бар пояҳои худ биистад ва кишоварзонро ба ҳайрат водорад** (мӯъминон низ ҳамин гунаанд ва лаҳзае аз ҳаракат бознамеистанд ва мисли гандум сар кашида, хӯша мезананд. Он хӯшаҳо парвариш ёфта, борвар мешаванд. Ин пешрафту қувва ва қудратро Худо насиби мӯъминон мекунад)**, то он ҷо, ки кофиронро ба хашм оварад. Худо аз миёни онҳо касонеро, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ба омурзиш ва мукофоте бузург ваъда додааст!»** (Сураи Фатҳ, 29)

**2-** Худо (ҷ) мефармояд:

وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلْأَوَّلُونَ مِنَ ٱلْمُهَٰجِرِينَ وَٱلْأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحْسَٰنٍ رَّضِىَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا۟
عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّٰتٍ تَجْرِى تَحْتَهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴿١٠٠﴾

**«Аз он гурӯҳи нахустин аз муҳоҷирин ва аҳли Мадина, ки пешқадам шуданд ва онон, ки ба некӣ аз пояшон рафтанд, Худо хушнуд аст ва эшон низ аз Худо хушнуданд. Барояшон биҳиштҳое, ки дар онҳо наҳрҳо ҷорист ва ҳамеша дар он ҷо хоҳанд буд, омода кардааст. Ин аст комёбии бузург!»** (Сураи Тавба, 100)

**3-** Худо (ҷ) мефармояд:

لَّقَدْ رَضِىَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِى قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ
عَلَيْهِمْ وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴿١٨﴾

**«Худо аз мӯъминон, он ҳангом, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, хушнуд гашт ва донист, ки дар дилашон чӣ мегузарад. Пас, оромишро бар онҳо нозил кард ва ба фатҳе** (ғалабае) **наздик подошашон дод.** (Сураи Фатҳ, 18)

**4-** Худо (ҷ) мефармояд:

مِّنَ ٱلْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا۟ مَا عَٰهَدُوا۟ ٱللَّهَ عَلَيْهِ ۖ فَمِنْهُم مَّن قَضَىٰ نَحْبَهُۥ وَمِنْهُم مَّن يَنتَظِرُ ۖ وَمَا بَدَّلُوا۟
تَبْدِيلًا ﴿٢٣﴾

**«Аз мӯъминон мардоне ҳастанд, ки ба паймоне, ки бо Худо баста буданд, вафо карданд. Баъзе бар сари паймони хеш ҷон бохтанд ва баъзе чашм ба роҳанд ва ҳеҷ паймони худ дигаргун накардаанд.»** (Сураи Аҳзоб, 23)

**5-** Худо (ҷ) мефармояд:

لِلْفُقَرَآءِ ٱلْمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخْرِجُوا۟ مِن دِيَٰرِهِمْ وَأَمْوَٰلِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِضْوَٰنًا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿٨﴾ وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾

**«Ҳамчунин ғаниматҳо барои муҳоҷирони фақирест, ки аз сарзаминашон ронда шудаанд ва онҳо дар талаби фазлу хушнудии Худоянд ва Худову паёмбарашро ёрӣ мекунанд, онҳо ростгӯёнанд! Ва касоне, ки пеш аз омадани муҳоҷирон дар диёри худ буданд ва имон оварданд, онҳоеро, ки ба сӯяшон ҳиҷрат кардаанд, дӯст медоранд. Ва аз он чи, ки муҳоҷиронро дода мешавад, дар дил эҳсоси ҳасад намекунанд ва дигаронро** (муҳоҷиронро) **бар худ афзалият медиҳанд, ҳарчанд худашон** (ансор) **мӯҳтоҷ ҳам бошанд. Ва онон, ки аз бухли хеш дар амон мондаанд, растагоронанд!»** (Сураи Ҳашр, 8-9)

Пас аз шиносоӣ бо фармудаҳои Худои Субҳон дар мавриди фазоили саҳобагони бузургвор он ёрони ростин ва бовафои Расули акрам (с) акнун ба сайри чаманзори Суннат меравем то бубинем, ки Расули Худо (с) дар мавриди он ситорагони нурбахш чӣ фармудааст.

Ин ҷо чанд намунаро аз фармудаҳои Паёмбари акрам (с) дар мавриди он бузургворон пешкаш мегардонам. Расули Худо (с) мефармояд:

**عن رسول الله ﷺ قال:خَيرُ القُرُونِ قَرْني، ثُمَّ الَّذِينَ يَلونَهُمْ، ثُمَّ الَّذِينَ يَلونَهُمْ ثُم يَفْشُو الكَذِ بُ (أخرجه الترمذي ٤٧٦/٤(٢٣٠٣) وذكره ابن حجر في تلخيص الحبير ٢٠٤/٤ وكتاب أسد الغابة في معرفة الصحابة مقدمة٢٢/١)**

***«Беҳтарини наслҳо насли ҳамасрони ман аст, он гоҳ, касоне, ки пас аз онҳо меоянд, боз касоне, ки пас аз эшон меоянд ва пас аз онҳо*** *(дар миёни мардум)* ***дурӯғ равнақ мегирад***[1]***.»***

Ин ҳадиси шариф дар китоби Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим низ ривоят шудааст. Беҳтаринҳои аср касоне шуда метавонанд, ки адолат дошта ва пойбандии сахт ба дин доранд ва амалҳои хуб анҷом медиҳанд.

---

[1]. Тирмизӣ, 4/476 (2303). Ибни Ҳаҷар, Талхис ал-Ҳабир, 4/204, Усудул-ғоба фӣ маърифатис-саҳоба, муқаддима, 1/22.

Инчунин аз Имрон ибни Ҳусайн ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд:

«خير أمتى قرنى ثم الذين يلونهم ثم الذين يلونهم» قال عمران: «فلا أدرى، أَذَكَر بعد قرنه قرنين أو ثلاثاً»

***«Беҳтарини уммати ман касоне ҳастанд, ки дар ин қарн бо ман зиндагӣ мекунанд, сипас ононе, ки баъд аз ин қарн меоянд, сипас ононе, ки баъд аз онҳо меоянд. Имрон мегӯяд, намедонам, ки Паёмбар (с) баъд аз қарни худ ду қарнро зикр кард ё се қарнро[1]».***

Боз дар ҳадиси дигаре омада, ки Расули Худо (с) мефармояд:

حَدَّثَنَا عَبْدُ اللَّهِ بْنُ مُحَمَّدٍ ، حَدَّثَنَا سُفْيَانُ ، عَنْ عَمْرٍو سَمِعَ جَابِرًا ، عَنْ أَبِي سَعِيدٍ الْخُدْرِيِّ ﷺ عَنِ النَّبِيِّ ﷺ، قَالَ : " يَأْتِي زَمَانٌ يَغْزُو فِئَامٌ مِنَ النَّاسِ ، فَيُقَالُ : فِيكُمْ مَنْ صَحِبَ النَّبِيَّ ﷺ ، فَيُقَالُ : نَعَمْ فَيُفْتَحُ عَلَيْهِ ، ثُمَّ يَأْتِي زَمَانٌ ، فَيُقَالُ : فِيكُمْ مَنْ صَحِبَ أَصْحَابَ النَّبِيِّ ﷺ ، فَيُقَالُ : نَعَمْ فَيُفْتَحُ ، ثُمَّ يَأْتِي زَمَانٌ ، فَيُقَالُ : فِيكُمْ مَنْ صَحِبَ صَاحِبَ أَصْحَابِ النَّبِيِّ ﷺ ، فَيُقَالُ : نَعَمْ فَيُفْتَحُ "

***«Замоне бар мардум меояд, ки гурӯҳе аз мардум барои ҷиҳоду мубориза дар роҳи Худо меравадд ва аз якдигар мепурсанд, ки оё касе аз шумо ҳаст, ки шарафи сӯҳбати Расули Худоро дошта бошад? Дар ҷавоб гуфта мешавад, ки бале ва фатҳ насибашон мегардад. Ва боз замоне меояд, ки мепурсанд: Оё дар байни шумо касе ҳаст, ки бо саҳобаҳои Паёмбари Худо (с) сӯҳбат намуда бошад? Гуфта мешавад: Бале ва фатҳ насиби онҳо мегардад. Ва боз замоне меояд, ки мепурсанд: Оё дар байни шумо касе ҳаст, ки ҳамсӯҳбатҳои саҳобаи Расули Худоро дида бошад? Гуфта мешавад: Бале ва фатҳ насиби онҳо мегардад.»[2]***

Ва низ аз Абӯмусои Ашъарӣ ба ин мазмун ҳадисе ривоят шудааст, ки мегӯяд: *Ҳамроҳи Расули Худо (с) намози шомро хондем ва «Асҳоб» бо ҳамдигар гуфтем: Чӣ мешвад, интизор шавем, то ҳамроҳи Расули Худо (с) намози хуфтанро низ бихонем? Ва ҳамчунон интизор мондем, то ки Расулуллоҳ (с) ба сӯи мо баромада гуфт:* **«То ба ҳол шумо инҷо ҳастед?»** *Абумӯсои Ашъарӣ мегӯяд: Мо гуфтем: Бале, эй Расули Худо (с), хостем, ки ҳамроҳи шумо намози хуфтанро бигузорем. Расули Худо (с) гуфт:* **Бисёр хуб кардед.** *Сипас, сари муборакашро сӯи осмон боло кард ва ӯ чунин корро зиёд мекард ва гуфт:* ***Ситораҳо амонатдор ҳастанд ба он чи, ки дар осмон аст. Пас, агар ситораҳо аз байн бираванд, чӣ нохушиҳое меояд бар сари он чи, ки дар осмон аст ва ман амонатдорам барои саҳобагонам. Пас, вақте ман аз дунё биравам, чӣ нохушиҳое бар сари саҳобагонам меояд ва саҳобагонам амонатдоранд барои умматам. Пас, вақте саҳобагонам аз дунё бираванд, чӣ нохушиҳое меояд бар сари умматонам».[3]***

---

[1]. Бухорӣ, 2535, Муслим, 3650.

[2]. Бухорӣ, 2897, 3649.

[3]. Саҳеҳи Муслим 4\1961. Муснади Аҳмад 4\399.

Чун ривоятҳо дар мавриди асҳоби Расули акрам (с) ниҳоят зиёданд, ин ҷо ҳамчун намунае аз хирвор ба ин ҳадисҳои овардашуда иктифо мекунем ва ба он мепардозем, ки Қуръон ва Суннат дар мавриди Аҳли байти Расули акрам (с) чӣ мефармоянд.

Бояд дар хотир дошта бошем, ки Аҳли байти Расули акрам (с) бар замми он ки шарофати саҳобаи Расули Худо (с) буданро доранд, боз шараф ва мартабаи Аҳли байти Расули акрам (с) буданро соҳиб гаштаанд. Худои Субҳон дар каломи покаш дар мавриди Аҳли байти Расули акрам (с) мефармояд:

إِنَّمَا يُرِيدُ ٱللَّهُ لِيُذۡهِبَ عَنكُمُ ٱلرِّجۡسَ أَهۡلَ ٱلۡبَيۡتِ وَيُطَهِّرَكُمۡ تَطۡهِيرٗا ﴿٣٣﴾

**«Эй аҳли байт, Худо мехоҳад палидиро аз шумо дур кунад ва шуморо пок нигоҳ дорад.»** (Сураи Аҳзоб, 33)

Дар китоби «Саҳеҳи Бухорӣ» ба нақл аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) аз падараш ва ӯ аз Абӯбакр (р) ривоят аст, ки фармуд:

**قَالَ أَبُو بَكْرٍ الصِّدِّيقُ ، ﷺ: " أَيُّهَا النَّاسُ ارْقُبُوا مُحَمَّدًا فِي أَهْلِ بَيْتِهِ "**

Абӯбакр (р) гуфт: «*Эй мардум, муроқиб бошед! Бо ҳифзи шаън ва мақоми Аҳли байти Расули Худо (с) шаън ва мақоми ҳазрати Муҳаммадро ҳифз кунед.*[1]»

Мановӣ мегӯяд, ки Имом Қуртубӣ гуфтааст: «*Ин васият ва ин таъкиди бузург тақозои вуҷубияти эҳтироми Аҳли байти Расули Худоро менамояд ва нафақат эҳтиром, балки дӯстдоштан ва баландмартаба донистани онҳоро низ ифода мекунад. Эҳтиром ва дӯстдоштани онҳо воҷиб ва ё фарзест, ки ба он таъкид шудааст ва ҳеҷ узре нест, ки онро итоъат карда нашавад. Аҳли байти Расули Худо (с) пора ва ҷузъе аз ӯ ба шумор меравaнд. Расули акрам (с) аслест, ки ин хонадон аз ӯ нашъу намо ёфтаанд ва онҳо фаръ ва пораи он Ҳазрат (с) ҳастанд.*»[2]

Далели возеҳи ташбеҳ намудан Аҳли байти Расули Худо (с)-ро ба пора ва ҷузъе аз тани ӯ ҳадиси фармудаи Расули акрам (с) далолат мекунад, ки ба ин мазмун фармудааст: ***«Фотима пораи тани ман аст.»***[3]

Чи тавре мушоҳида гардид, дар Қуръон ва Суннат ҳаёту сифот, камоли имонӣ ва зикри корнамоиҳои саҳобагони Паёмбар (с) ба таври равшан бозтоб ёфтааст. Ҳам Худо (ҷ) ва ҳам Расули акрам (с) хушнудии худро аз он насли босаодат иброз намудаанд. Қуръони карим дар ҳаёти онҳо ба таври намунавӣ татбиқи амалии худро ёфта буд. Ҳамин шаҳодати Қуръон ва Суннат барои он насли хуҷаста кифоя аст ва бояд, ки бандаи мӯъмин нисбат ба мақоми имонӣ ва талошҳои холисона дар роҳи Худо (ҷ) анҷом додаи онҳо арҷ бинеҳад ва бо ҷиддият бикӯшад, ки равиши онҳоро сармашқи зиндагии худ қарор бидиҳад.

Бар мо воҷиб аст, ки аз бадгӯйӣ нисбати он ёрони бовафои Расули Худо (с) худдорӣ намоем ва бояд онҳоро бо сифатҳои волову нек, мисли: худотарс,

---

[1]. Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ. 5, с. 9.
[2]. Файзулқадир, 3\14, ш. 6231.
[3]. Саҳеҳи Бухорӣ, китоби Фазоили Саҳоба, боби маноқиби қаробати Набӣ (с), ш. 3714.

растагор, пархезкор, одил, саховатманд, ҳақпараст, ғайюр, мушфиқу меҳрубон нисбати якдигар ва дигар сифатҳои ҳамидае, ки симои воҳеии шахсияти он бузургонро нишон медиҳад ва Худову паёмбари барҳаққаш онҳоро ситудаанд, ёдоварӣ намоем ва ба оянд агон бо ҳамин сифатҳо бишносонем.

Дар саҳиҳайн ва Сунани Абудовуд ва Тирмизӣ аз Абусаъиди Худрӣ (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с), фармуд:

**عَنْ أَبِي سَعِيْدٍ. قَالَ: قَالَ رَسُوْلُ اللهِ ﷺ: " لا تَسُبُّوْا أَحَدًا مِنْ أَصْحَابِي، فَإِنَّ أَحَدَكُمْ لَوْ أَنْفَقَ مِثْلَ أُحُدٍ ذَهَبًا، مَا أَدْرَكَ مُدَّ أَحَدِهِمْ، و لا نَصِيْفَهُ ".**

*«Ҳеҷ кадоме аз асҳоби маро бадгӯӣ накунед, зеро агар касе аз шумо баробари кӯҳи Уҳуд тилло дар роҳи Худо харҷ кунад, боз ҳам бо мудд ва ҳатто бо нисфи мудди ҳеҷ кадоми онҳо баробар шуда наметавонад[1]».*

Умар ибни Хаттоб (р) аз Паёмбар (с) нақл кардааст, ки фармуд:

**«أكرموا أصحابى، فإنَّهم خياركم»**

***«Ёрон ва саҳобагони маро эҳтиром намоед, зеро онҳо беҳтаринҳои шумо ҳастанд[2]».***

Ба ростӣ мақом ва манзалати Асҳоб ва Аҳли байт хело зиёд аст ва ин ду дар миёни якдигар дӯст ва меҳрубон буданд ва ҳамеша якдигарро қадрдонӣ мекарданд. Чуноне, ки дар урфият мегӯянд: Қадри зарро заргар медонад.

Имони комил дорам, ки хонандаи гиромӣ аз хондани ин китоб ғановати маънавӣ хоҳад бурд ва он самимияту ҳамбастагии миёни Аҳли Байти атҳор ва Асҳоби киромро хоҳад ёфт.

Аз шумо хонандагони гиромӣ таманнои онро дорам, ки моро дар дуъоҳои неки худ аз ёд набаред.

Дӯстдори Аҳли байт ва Асҳоби кибром:
**Муҳаммадиқболи Садриддин**

---

[1] . Ҷамъул фавоид, китоби Мақоми Саҳоба.
[2] . Ин ҳадисро Аҳмад, Насоӣ ва Ҳоким дар китобҳояшон овардаанд.

# ПЕШГУФТОР

**Ҳамду сано Парвардигореро, ки Расулашро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод то он динро бар тамоми адёни ботила ғолиб гардонад ва шаҳодати Худованд худ басанда аст ва дуруду салом бар Расули фиристодашуда барои тамоми мардум, то ба онҳо муждарасон ва бимдиҳанда бошад ва ҳамчунин саломи барзиёд бар олу асҳоби покдомани накукораш, онҳое, ки суннат ва равиши паёмбарашонро расониданд.**

Ин намунаҳои бистгона баёнкунандаи муҳаббати ногусастанӣ ва хешовандии бисёр мустаҳкам байни аҳли байт ва саҳобагони Паёмбар (с) мебошанд.

Ин китоб бо далелҳои равшану маҳкам мавзӯъи муҳаббати байни онҳоро собит менамояд, ҳамонгуна, ки Худованд (ҷ) дар тавсифи онҳо баён дошта, ки **«руҳамоу байнаҳум»**, яъне: **«Онҳо нисбат ба якдигар меҳрубон ва дилсӯзанд».**

Онҳо дар беҳтарин шароити замон ва перомуни бузургтарин паёмбари Илоҳӣ зиста ва дар мадрасаи он бузургвор шогирдӣ намуда ва тарбият гирифтаанд ва баъд аз даргузашти Паёмбар (с) низ бо ахлоқ ва рафтори хеш ба унвони муъаллими ҷомеаи башарӣ по ба майдон гузоштаанд.

Акнун ба равобити мустаҳками хешовандии сабабии онҳо дар тӯли панҷ то шаш насли аввали садри Ислом ишора хоҳем кард, ки ин низ худ далолаткунанда бар робитаи мустаҳкам ва ногусастании иҷтимоъӣ ва муҳаббати байни онҳост.

**Чанд нуктаи муҳим дар иртибот бо ин хешовандӣ:**

**1-** Ин хешовандии сабабӣ ҳамроҳ бо ёдоварии номҳояшон дар манбаъҳои шиъа ва ҳам манбаъҳои суннӣ баробар зикр шудааст.

**2-** Китобҳои таърихӣ ва шарҳи ҳоли гузаштагон ин қазияро ба таври сатҳӣ на пажӯҳиши мавриди баҳс қарор додаанд ва бисёр хешовандиҳое ҳаст, ки байни аҳли байт ва саҳобагон сурат гирифта ва дар китобҳои таърихӣ аз онҳо ёдоварӣ нашудааст ва ё аслан ба дасти мо нарасидаанд.

**3-** Мавзӯъи издивоҷ ва хешовандии сабабӣ дар фарҳанги арабӣ мавзӯъи бисёр боаҳамият буда ва арабҳо ҷуз бо хонаводаи асил ва шарофатманд издивоҷ намекарданд, сипас ислом омад ва зимни таъйиди ин кор, тақворо ба унвони меъёри нахусти издивоҷ муъаррифӣ намуд, лизо интихоби ҳамсар то ба имрӯз як мафҳуми асили исломӣ буда ва боқӣ хоҳад монд.

**4-** Номгузории фарзандон яке аз одатҳои башар аст ва танҳо марбут ба мусулмонон нест ва дар ҳар ҷомеъае, шахс танҳо номи касонеро барои

фарзандаш интихоб мекунад, ки баёнгари утуфати қалбӣ ва қаробати фикрӣ ва эътимоди ӯ нисбати онҳо бошад ва ё инки баёнгари ҷойгоҳи иҷтимоъии онон бошад.

**5-** Қабилаи Бани Ҳошим ҷуз бо афроди ҳамсатҳашон аз лиҳози динӣ ва хонаводагӣ издивоҷ намекарданд ва ҳатто ҳукком дар масъалаи фасхи никоҳи қабилаи бани Ҳошим бо ғайри ҳамсатҳаш дахолат мекарданд ва шавоҳиди тахрихӣ роҷеъ ба ин қазия бисёр зиёданд.

Аз Худованди бузург хоҳонем, ки ин китобро мавриди истифодаи мардум қарор диҳад ва онро мояи иттиҳоди мусулмонон бигардонад.

**Алӣ ибни Ҳамди Тамимӣ**
28/05/2008

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ПАЁМБАР саллаллоҳу алайҳи ва саллам ВА ХУЛАФОИ РОШИДИН разияллоҳу анҳум




- Робитаи падарӣ ва фарзандӣ
- Робитаи издивоҷ
- Духтарони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)
- Ҳамсарони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

قال النبي صلى الله عليه و سلم: "عليكم بسنتى و سنت خلفاء الراشدين المهديين"

*Паёмбари гиромӣ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:*

**“ШУМОРО БА РОҲУ РАВИШИ ХУД ВА ХУЛАФОИ РОШИДИН, КИ РОҲЁФТААНД, ВАСИЯТ МЕКУНАМ”**

*Ҳадиси саҳеҳ ривоятшуда дар “Сунан”-и чаҳоргона ва “Муснад”-и Аҳмад*

## Намунаи якум

# ХЕШОВАНДИИ САБАБӢ МИЁНИ ПАЁМБАР (С) ВА ХУЛАФОИ РОШИДИН

Ин намуна аз иртибот ва ҳамбастагӣ миёни хулафои рошидин бо Паёмбар (с) сухан мегӯяд.

Абӯбакри Сиддиқ (р) нахустин марде аст, ки даъвати исломро мепазирад ва духтараш ҳазрати Оишаро ба никоҳи Паёмбар (с) медарорад. Оиша (р), ҳамсари сеюми Паёмбар (с) танҳо душизе аст, ки аз дигар ҳамсарони Паёмбар (с) камсинну солтар мебошад ва бештар аз ҳамаи онҳо ҳадис ривоят кардааст. Саҳобагон бисёр вақтҳо барои ҳалли қазияҳо ва масъалаҳои муҳим ба ӯ мурочиъат мекарданд ва аз фатвои ӯ истифода менамуданд. Умулмӯъминин Оиша (р), ки дар соли 57-уми ҳиҷрӣ вафот намуданд, ба муддати 9 сол ҳамсари Паёмбар (с) буданд. То охирин рӯзҳои ҳаёти Паёмбар (с) Оиша (р) ба унвони ҳамсари меҳрубон боқӣ монд ва Паёмбар (с) дар манзили ӯ ва дар навбати вай вафот кард ва ниҳоят дар ҳуҷраи ӯ дафн карда шуд ва ин баёнгари қаробати эшон бо Паёмбар (с) мебошад ва парда аз ин нукта бармедорад, ки Паёмбар (с) аз ӯ розӣ ва хушнуд будааст. Аз ин рӯ Абӯбакри Сиддиқ (р) ҳамчун хусури Паёмбар (с) шинохта мешавад ва баъд аз вафоти ӯ (с) низ рафоқаташ бо эшон идома меёбад ва дар канори Паёмбар (с) гӯронида мешавад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки Худованд ҳаргиз розӣ намешавад аз касе дар канори он шахсияти бузургвор (с) дафн шавад, магар инки фарди мӯъмин ва бузургвор бошад. Аммо Умар ибни Хаттоб (р) касе аст, ки Паёмбар (с) дар соли сеюми ҳиҷрӣ бо духтари мӯъмини эшон Ҳафса (р) издивоҷ мекунад ва то рӯзе, ки Паёмбар (с) вафот мекунад, Ҳафса (р) ба унвони ҳамсари хидматгор ба соҳати пок ва муқаддаси он боқӣ мемонад. Сипас ба унвони фарди амин ва шоиста муъаррифӣ мешавад ва муҳофизат аз Қуръоне, ки тавассути Абӯбакр (р) ва саҳобагон ҷамъоварӣ шуда буд ба ӯҳдаи вай гузорида мешавад. Умари Форуқ (р) аз ибтидои ислом то ба имрӯз ва то рӯзи растохез ёр ва ёвари Паёмбар (с) хоҳад буд, эшон дар ҳамон ҳуҷра ва дар канори Паёмбар (с) дафн шудааст ва ин шоҳид ва гувоҳи бузург ва равшан бар иртибот ва алоқаи онҳо мебошад.

Дар муаллақоти баъдӣ роҷеъ ба иртиботи иҷтимоъии Усмон (р) ва Алӣ (р) бо Паёмбар (с) баҳс хоҳем кард.

# ДУХТАРОНИ ПАЁМБАР ҲАЗРАТИ МУҲАММАД
## (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

### ЗАЙНАБ (разияллоҳу анҳо)
- Бузургтарин духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)
- 10 сол қабл аз биъсати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таваллуд шуд.
- Писари холааш Абулос ибни Рабеъ (раз) қабл аз ислом бо ӯ издивоҷ кардааст.
- Дар ҳаёти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар соли 8 ҳ. ҳангоми ҳиҷрат бар асари афтодан аз шутур тавассути мушрикони қурайш вафот кард.
- Фарзандонаш: Алӣ ки дар кӯдакӣ вафот ёфт ва Амома, ки Алӣ (разияллоҳу анҳу) баъди вафоти Фотима (разияллоҳу анҳо) ӯро ба никоҳ даровард.

### ФОТИМА (разияллоҳу анҳо)
- Сарвари занони олам
- Хурдтарин духтари Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)
- қабл аз биъсати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таваллуд шуд.
- Алӣ (разияллоҳу анҳу) соли 2 ҳ. бо ӯ издивоҷ кард
- Моҳи Рамазони соли 11 ҳ. вафот кард
- Фарзандонаш Ҳасан ва Ҳусайн - сарвари ҷавонони биҳишт, Зайнаб ва Умми Кулсум (разияллоҳу анҳум) мебошанд

**“Эй Паёмбар (с) ба ҳамсаронат**

**ВА ДУХТАРОНАТ**

**ва занони мӯъминон бигӯ чодарони худро бар худ фурӯ бипӯшонанд”.**

**(Сураи Аҳзоб, 59)**

### УММИ КУЛСУМ (разияллоҳу анҳо)
- Духтари сеюми Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)
- қабл аз биъсат баъд аз Руқия таваллуд шуд.
- Усмон ибни Аффон (разияллоҳу анҳу) баъди вафоти хоҳараш Руқия бо ӯ издивоҷ кард. Аз ин рӯ лақаби Усмон “Зиннурайн” (соҳиби ду нур) мебошад.
- Дар ҳаёти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар моҳи Шаъбон соли 9 ҳ. вафот кард.
- Ҳеҷ фарзанде надошт.

### РУҚИЯ (разияллоҳу анҳо)
- 7 сол қабл аз биъсати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таваллуд шуд.
- Ҳамроҳ бо ҳамсараш Усмон ибни Аффон (раз) ба Ҳабаша ҳиҷрат кард..
- Дар ҳаёти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар соли 8 ҳ.
- Ба сабаби беморӣ замоне, ки муслимин дар ҷанги Бадр буданд вафот ёфт.
- Фарзандаш аз Усмон (разияллоҳу анҳу) Абдуллоҳ буд, ки дар соли 6 ҳ. вафот кард.

**Модари онҳо сарвари занони олам ва уммул-мӯъминин Хадиҷа бинти Хувайлид (разияллоҳу анҳо) мебошад.**

***Ҳамаи онҳо аз занони муҳоҷир буданд (Худо аз онҳо розӣ бод)***

**МУҲИМТАРИН САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ**


«Сирати Набавӣ»-и Ибни Ҳишом 2/9
«Таърихи ислом»-и Заҳабӣ 1/13
«Таърихи Димишқ»-и Ибни Асокир 3/125
«ал-Бидоя Ван-ниҳоя»-и Ибни Касир 2/294
«ал-Исоба»-и Ибни Ҳаҷар, тарҷима 11181
«Асадул-ғоба»-и Ибни Асир 1/10
«Таҳзибул-камол»-и Тӯсӣ 2/232
«Шарҳи усули кофӣ»-и Мозандаронӣ 7/144
«Тоҷу-л-маволид»-и Табрезӣ с. 9
«Маноқибу оли Абӯтолиб»-и Ибни Шаҳрошӯб 3/90
«Тазкират-ул-фуқаҳо»-и ал-Ҳиллӣ 2/604
«Биҳор-ул-анвор»-и Маҷлисӣ 42/95
«Қомус-ур-риҷол»-и Тустарӣ, тарҷимаи №119, 343, 8 ва 136

## Намунаи дуюм
# ДУХТАРОНИ ПАЁМБАР (С)

Ин намуна дар робита бо шарҳи ҳоли духтарони Паёмбар (с) аст. Ҳамаи онҳо духтарони боимон буда дар роҳи Худо ҳиҷрат карданд ва модари онон сарвар ва пешоҳанги занони ҷаҳон, Хадиҷа (р) духтари Хувайлид аст. Калонсолтарини эшон Зайнаб (р) аст. Ӯ даҳ сол қабл аз биъсат таваллуд шуда ва бо писари холааш Абулъос ибни Рабиъ аз қабилаи Абдуманоф (яъне амакзодаи Паёмбар (с)) издивоҷ кард. Натиҷаи ин издивоҷ писаре буд ба номи Алӣ, ки дар хурдсолӣ вафот кард ва духтаре ба номи «Умома» ҳамон духтаре аст, ки Алӣ (р) баъд аз вафоти Фотима (р) ӯро ба никоҳи худ даровард. Сипас ҳафт сол қабл аз биъсат Руқия (р) машҳур ба **«зоту-л-ҳиҷратайн»**[1] таваллуд шудааст. Ӯ баъд аз талоқ гирифтан аз писари Абулаҳаб бо Усмон ибни Аффон (р) издивоҷ кард ва ҳамроҳи шавҳараш ба Ҳабаша ҳиҷрат намуд. Ӯ фарзанде ба номи Абдулло ба дунё овард, ки дар ҳамон синни кӯдакӣ дунёро падруд гуфт. Сипас Руқия (р) ҳамроҳи шавҳараш ба Мадина ҳиҷрат кард ва дар соли дуюми ҳиҷрӣ ҳамзамон бо ғазваи Бадр чашм аз ҷаҳон фурӯ баст. Баъд аз Руқия (р) Умми Кулсум (р) тавалуд шудааст. Умми Кулсум (р) ба Мадина ҳиҷрат карда ва баъд аз вафоти апааш Руқия (р) бо Усмон (р) издивоҷ кард, аммо соҳиби фарзанде нашуд ва дар соли нӯҳуми ҳиҷрӣ ӯ низ дори фониро видоъ гуфт. Баъд аз Умми Кулсум (р) сарвари занони ду ҷаҳон ва модари ду дурдонаи Паёмбар (с) «Ҳасан ва Ҳусайн (р)», яъне Фотимаи Заҳро (р) таваллуд шудааст. Фотимаи Заҳро (р) як сол қабл аз биъсати Паёмбар (с) чашм ба дунё кушод. Фотима (р) хурдтарин духтари Паёмбар (с) аст, аммо аз нигоҳи фазилат бар ҳамаи апаҳояш бартарӣ дорад. Фотимаи Заҳро (р) дар соли дуюми ҳиҷрӣ бо халифаи рошид ва имоми одил, Алӣ ибни Абӯтолиб (р) издивоҷ намуд ва шаш моҳ баъд аз вафоти Паёмбар (с) дар соли 11-уми ҳиҷрӣ дори фониро видоъ гуфт.

Ҳамаи духтарони Паёмбар (с) ҷуз Фотимаи Заҳро (р) дар замони ҳаёти он бузургвор аз дунё рафтаанд. Тибқи манобеи таърихӣ ҳамаи онон духтарони Паёмбар (с) ҳастанд ва онҷо, ки дар Қуръон **«банотика»** (духтарони ту) истифода шуда баёнгари сиҳати он гувоҳии таърихӣ аст, зеро калимаи **«банотика»** ҷамъ аст ва барои ҷамъ истифода мешавад, на барои фарди танҳо, ҳамчунон, ки суннати Паёмбар (с) ва иҷмоъи уламо бар он далолат мекунад.

Хонандаи гиромӣ! Тибқиончи, ки мо дар намунаи шумораи 27-ум аз манобеи мухталиф дар мавриди ин воқеияти таърихӣ барои шумо нақл кардаем пай мебарем, ки он чи, ки тавассути баъзеҳо тарвиҷ ва шоеъ мегардад, ки Фотима (р) ягона духтари Паёмбар (с) будааст иштибоҳи фоҳиш аст ва асосе надорад.

---

[1] Касе, ки барои дини Худо ду бор њиљрат карда буд.

# ИЗДИВОҶИ ПУРБАРАКАТИ
# АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ
# ВА ФОТИМАИ ЗАҲРО

**ҒИЗОИ АРӮСӢ:**
Саъд гӯсфандеро барои ғизои арӯсӣ сар бурид ва баъзе аз ансор низ миқдоре ҷуворӣ барои ғизои арӯсӣ тақдим карданд.



**ХОНА:**
Яке аз асҳоб ба номи Ҳориса ибни Нӯъмони Ансорӣ хонае ба онҳо ҳадя дод.



**ЛАВОЗИМИ АРӮСӢ:**
Абӯбакри Сиддиқ, Билол ва Салмони Форсӣ бар асоси роҳнамоии Паёмбар лавозимро хариданд, ки шомили фарш, тиккае чарм, зарфе барои об, кӯза, абои хайбарӣ ва асо буд.



**ЗАМОН ва МАКОН:**
Соли 2 ҳиҷрӣ баъд аз бозгашт аз ҷанги Бадр дар Мадина.



**ХОСТГОРӢ:**
Абӯбакри Сиддиқ, Умар ибни Хаттоб ва Саъд ибни Маоз аз вай барои ҳазрати Алӣ хостгорӣ карданд.(1)



**МАҲРИЯ:**
Зиреҳи ҳутамӣ, ки ба ҳазрати Усмон ба 400 дирҳам фурӯхта буд ва ҳазрати Усмон пас аз пардохти пул, зиреҳро низ ба унвони ҳадя ба вай баргардонида буд.(1)





2) Фазоили саҳоба. Асари Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, ҳадиси 1178



1) Кашфул-ғумма. Асари Арбилӣ 1/343



1) Табақоти Кубро. Асари ибни Саъд. Ҷ. 8, с. 329.



3) Биҳорул-анвор. Асари Маҷлисӣ. Ҷ. 43, с. 130



3) Биҳорул-анвор. Асари Маҷлисӣ. Ҷ. 19, с. 113

## Намунаи сеюм

# ИЗДИВОҶИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ (р) БО ФОТИМАИ ЗАҲРО (р)

Дар ин намуна тасвирҳои нақлшуда аз манобеи гуногунеро дар поёни сафҳа мушоҳада мекунед, ки нишон медиҳанд саҳобагон (р) дар издивоҷи Алӣ (р) бо Фотима (р) нақши асосӣ доштаанд. Оё ҷуз муҳаббат ва дустӣ миёни онҳо чӣ ангезаи дигаре барои ин кор вуҷуд дорад?

**Ва инак далоиле бар нақши саҳобагон ироа дода мешавад:**

**1-** Абӯбакр(р), Умар (р) касоне буданд, ки дар соли дуюми ҳиҷрӣ баъд аз ғазваи Бадр ҳазрати Алиро барои издивоҷ бо Фотима (р) ташвиқ карданд.

**2-** Касе, ки ба ҷои Алӣ (р) маҳрияи ҳазрати Фотимаро пардохт кард, Усмон ибни Аффон (р) буд. Қазия аз ин қарор буд, ки Усмон (р) ба қимати чорсад дирҳам ҷавшане аз Алӣ (р) харид ва ҳангоме, ки Алӣ (р) пулро дар ивази ҷавшан гирифт, Усмон (р) ба вай гуфт: Ин ҷавшан ба унвони ҳадя аз ҷониби ман барои ту бошад. Оре, бо ҳифзи каромат ва иззати нафс ва ба дур аз миннат ва такаббур аз ҷониби Усмон (р) маҳрияи Фотима (р) муҳаё шуд.

**3-** Чун ансор низ аз ин издивоҷ розӣ ва хушҳол буданд, Саъд (р) гӯсфандеро забҳ кард ва ҷашнеро барои тӯйи арӯсии Алӣ (р) ба роҳ андохт ва баъзе аз ансор низ бо фароҳам кардани баъзе аз лавозимот дар тадоруки ҷашни арусӣ саҳми худро гузоштанд.

**4-** Ҳануз кӯмак ва ёрирасонии ансор ба поён нарасидааст, инак Ҳориса ибни Нӯъмони ансорӣ (р) манзилу маскани хешро, ки дар канори манзили Паёмбар (с) буд ба унвони ҳадя ба Алӣ (р) ва Фотима (р) тақдим мекунад.

**5-** Ва дар поён, саҳобагон ва дар раъси онҳо Абӯбакр (р) ҷаҳизияи ин зану шавҳари ҷавонро фароҳам мекунад. Ҳоло бингарем, оё кори дигаре барои ёрирасонӣ ба ин ҳамсарони ҷавон боқӣ монда, ки саҳобагон онро анҷом надода бошанд?

Ба назари шумо ғайр аз муҳаббат, дустӣ ва вафодорӣ ба Паёмбар (с) чӣ чизи дигаре онҳоро барои анҷоми ин кор ташвиқ мекард? Ва чӣ ангеза ва умеди дигаре дар он кор нақш дошт?

# НОМҲОЕ, КИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ ВА ФАРЗАНДОНАШ (РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲУМ) ДӮСТ МЕДОШТАНД




Ёддошт: Ин насабнома шомили на ҳама ному насаби хонадони Алӣ ибни Абӯтолиб (разияллоҳу ъанҳу), балки баъзеи онҳост. Номҳои дигаре аз фарзандони Алӣ ва хонадони ӯ (разияллоҳу ъанҳум) аз ҷиҳати ихтисор инҷо зикр нашудааст. Машҳуртарини он номҳо “Фотима”, “Ҷаъфар”, “Зайнаб” мебошад.

- Саҳоба
- Робитаи падарӣ ва фарзандӣ

## Намунаи чаҳорум

# НОМҲОЕ, КИ АЛӢ (Р) ВА ФАРЗАНДОНАШ ДӮСТ МЕДОШТАНД

Бо диққат ба ин шаҷараномаи муборак бингар:

Абӯбакр, Умар, Усмон дар саҳнаи Карбалло ширкат доранд ва шаҳид мешаванд! Аммо чӣ тавр? Барои ёфтани ҷавоб моро ҳамроҳӣ кун.

Абӯбакр фарзанди Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ва бародарзодааш Абӯбакр ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р), Умар ибни Ҳасан (р) ва Умар ибни Ҳусайн (р) ҳамроҳи ду амаки худ Аббос ва Усмон ду фарзанди Алӣ ибни Абӯтолиб аз ҳамсараш Уммулбанини Калобӣ дар майдони Карбалло ҳузур доштанд. Ва ин нуктаро фаромӯш намекунем, ки Умар ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р) баъд аз ҳамаи фарзандони Алӣ вафот мекунад ва Умар ва Усмон ду фарзандони Алӣ ибни Ҳусайн ҳастанд.

Балки ин масъала дар насли шашум низ идома меёбад ва Мусои Козим ду фарзанди аз фарзандонашро Абӯбакр ва Умар номгузорӣ мекунад.

Оё барои равшании ин масъала мехоҳед аз миёни фарзандони аҳли байти Паёмбар (с), он хонадони пур аз муҳаббат ва ҳамбастагӣ, онон, ки бештар аз ҳар каси дигар ба фазилат ва дӯстии муҳоҷирин ва ансор ба падари бузургашон Паёмбар (с) огоҳӣ доштанд, афроди бештареро муъаррифи кунам?

Инак шиносои бештар:

Оиша духтари Имом Ҷаъфари Содиқ!

Оиша духтари Имом Мусои Козим!

Оиша духтари Имом Ризо!

Оиша духтари Имом Ҷавод!

Хонандаи гиромӣ! Аз лобалои китобҳои мӯътабар ва мавриди эътимоди исломӣ теъдоди бисёр бештаре аз ин иртиботҳои хонаводагӣ миёни аҳли байт бо хонадони саҳобагон ва интихоби ин номҳо барои фарзандонашон мушоҳида мешавад. Ҳоло мехоҳед суханони мусташриқини кинаварз ва баъзе ҷоҳилонро таъйид кунем, ки эълон медоранд, ки гӯё миёни онон адоват ва душманӣ вуҷуд доштааст.

Худовандо! Аз ту мехоҳам мусулмононро аз васваса, дасиса ва тавтиаи бадхоҳони ислом ва муслимин нигаҳ дор!

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ВА ХОНАДОНИ АБӮБАКРИ СИДДИҚ (Разияллоҳу анҳу)

Худованд мефармояд: **“Муҳаммад (с) Паёмбари Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд”.** (Фатҳ, 29).

قال تعالى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Худованд мефармояд: **“Бигӯ (эй Муҳаммад) (с) аз шумо барои даъват ҳеҷ музде наметалабам,ҷуз дӯстӣ дар қаробатро”.** (Шуро, 23)

قال تعالى: ﴿قُل لَّآ أَسْـَٔلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا ٱلْمَوَدَّةَ فِى ٱلْقُرْبَىٰ﴾ الشورى: ٣٢

Ин шаҷаранома, ки манбаи он сарчашмаҳои асосии таърихи муслимин мебошад, баёнгари он аст, ки аҳли байт ва асҳоб фарзандоншонро бо номҳои якдигар номгузорӣ мекарданд ва пайванди хешовандӣ пеш аз фитна ва баъд аз он бо ҳам доштанд. Хусусан равобити самимӣ байни аҳли байт, асҳоб ва тобеин, ки баъди онон мебошанд қобили таъкид аст. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## АБДУЛМУТАЛЛИБ

- **АБДУЛЛОҲ**
  - **МУҲАММАД** Саллаллоҳу алайҳи ва саллам — Бо Оиша (раз) қабл аз ҳиҷрат издивоҷ кард ва то вафот ҳамсараш буд **А1**
- **АБӮТОЛИБ**
  - **ҶАЪФАР**
    - **АБДУЛЛОҲ**
      - **А3** **ИСҲОҚ** ❁ — Баъд аз воқеаи Карбало бо Умми Ҳаким издивоҷ кард
  - **АЛИ ибни АБӮТОЛИБ**
    - **ҲУСАЙНИ ШАҲИД**
      - **АЛӢ ЗАЙНУЛОБИДДИН**
        - **МУҲАММАД БОҚИР** — Қабл аз соли 80 ҳ. бо Умми Фарва издивоҷ кард **А4**
        - **АБДУЛЛОҲ**
          - **ИСҲОҚ** ❁ — Бо Кулсум дар нимаи асри дуввуми ҳиҷрӣ издивоҷ кард **А6**
    - **А2** **ҲАСАНИ (САБТ)** ❁ — қабл аз соли 49 ҳ. бо Ҳафса издивоҷ кард
      - **ҲАСАНИ (МУСАННО)**
        - **АБДУЛЛОҲ АЛ-МАҲЗ**
          - **А5** **МУСО АЛ-ҶУН** ❁ — Қабл аз соли 154 ҳ. бо Умми Салама издивоҷ кард

## АБӮБАКРИ СИДДИҚ (разияллоҳу анҳу)

- **АБДУРРАҲМОН**
  - **АБДУЛЛОҲ**
    - **ТАЛҲА**
      - **МУҲАММАД**
        - **УММИ САЛАМА** **Б5**
  - **ҲАФСА** **Б2**
- **МУҲАММАД**
  - **ҚОСИМИ ФАҚЕҲ**
    - **Б3** **УММИ ҲАКИМ**
    - **УММИ ФАРВА** **Б4**
    - **АБДУРРАҲМОН**
      - **ИСМОИЛ**
        - **КУЛСУМ** **Б6**
- **ОИША** — модари мӯъминон (разияллоҳу анҳо) **Б1**

Ҳамон тавр, ки дар ин насабнома мебинед, дар издивоҷи шашгонаи боло ҳама мардон аз аҳли байт ва занон аз хонадони Абӯбакри Сиддиқ ҳастанд. Ин нукта баёнгари робитаи самимӣ миёни ҳамаи онон аст.Чуноне мебинем ин издивоҷҳо баъди фитна рух додааст.

❁ Санади издивоҷи боло дар сарчашмаҳои таърихии зер зикр мешавад: Шайх Муфид (ваф. 413 ҳ.) “Иршод”, саҳ. 270; Муҳаммад Аъламии Ҳоирӣ Тароҷими “Аълому-н-нисо”, саҳ. 278; Ибни Анбата (ваф. 828 ҳ.) “Умдатут-толиб” саҳ. 225; Ибни Тақтақӣ (ваф. 709 ҳ.) “Асилӣ” саҳ. 149; Мусъаби Зубайрӣ (ваф. 236 ҳ.), “Насаби қурайш”.

Роҳнамо барои фаҳми шаҷаранома: барои шавҳарҳо аз ҳарфи (А) ва барои хонумҳо аз ҳарфи (Б) истифода мешавад ва ҳар издивоҷ бо як адад масалан (1) мушаххас карда шудааст. Масалан (А1) бо (Б1) издивоҷ кардааст.

*Воқеаҳои муҳим дар таърихи Ислом: (1) вафоти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) - соли 11 ҳ. (2) Сақифаи бани Соъида - соли 11 ҳ. (3) Воқеаи Ҷамал - Ҷимодулохири соли 36 ҳ. (4) Воқеаи Сиффин - Сафари соли 37 ҳ., (5) Шаҳодати Алӣ (разияллоҳу анҳу) - Рамазони соли 40 ҳ. (6) Вафоти Ҳасан ибни Алӣ (разияллоҳу анҳу) - соли 49 ҳ. (7) Шаҳодати Ҳусайн бинни Алӣ (разияллоҳу анҳу) - Карбало, Муҳаррами соли 61 ҳ.*

## Намунаи панҷум

# ХЕШОВАНДИИ САБАБӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (С) ВА АБӮБАКРИ СИДДИҚ (Р)

Ин намуна равшангари аз шаш ҷиҳат хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва Абӯбакр (р) аст.

Шарифтарини онҳо издивоҷи Паёмбар (с) бо Оиша (р) аст, ки як сол қабл аз ҳиҷрат сурат гирифт ва дар соли дуюми ҳиҷрӣ ба хонааш рафт ва чунонки баён доштем то рӯзи вафот дар хидматаш боқӣ монд.

Оё иртиботи ин ду хонадон дар ин издивоҷ хулоса мешавад? Ҳаргиз на ва дурдонаи Паёмбар (с) Ҳасан (р) ва дар бархе манобеъ Ҳусайн (р) низ бо набераи Абӯбакр(р) Ҳафса духтари Абдурраҳмон издивоҷ кардааст[1].

Сипас аз миёни насли Ҳасан (р) (Мусо Ал-ҷун) ибни Абдулло (Ал-маҳз)ибни (Ҳасан Ал-мусанно) бо Умми Салама духтари Муҳаммад ибни Талҳа ибни Абдулло ибни Абдурраҳмон ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад[2].

Аммо аз насли Ҳусайн (р) дар соли 80-уми ҳиҷрӣ Боқир бо Умми Фарва духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад, ки Ҷаъфари Содиқ натиҷаи ин издивоҷ мебошад[3].

Ва ба ҳамин сурат Исҳоқ ибни Абдулло ибни Алӣ ибни Ҳусайн бо Кулсум духтари Исмоил ибни Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр издивоҷ мекунад[4].

Ва аз миёни хонаводаи Ҷаъфари Тайёр Исҳоқ ибни Абдулло ибни Ҷаъфар ибни Абӯтолиб бо Умми Ҳаким духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр ва хоҳари Умми Фарва (модари Ҷаъфари Содиқ) издивоҷ мекунад, пас Умми Ҳаким холаи Ҷаъфари Содиқ аст[5].

**Дар ин намуна нукоти зайл қобили мулоҳаза ҳастанд:**

**-** Бештари ин хешовандиҳо баъд аз вафоти Абӯбакр (р) сурат гирифта пас ба таври қатъӣ ғайр аз муҳаббат ва дустӣ миёни ин ду хонадони арҷманд ҳеҷ гуна мақом ва мансаби сиёсӣ, иҷтимоъӣ дар ин издивоҷҳо накш надоштааст.

**-** Ҳамаи мардҳо аз аҳли байти набавӣ ва занҳо аз хонадони Абӯбакр (р) буданд ва ончи возеҳ ва равшан аст, инак ҳамеша мард ба хостгории зан меравад, бинобар ин аҳли байти Паёмбар (с) хоҳони ин иртиботи хонаводагӣ бо Абӯбакр (р) буданд.

**-** Идомаи ин издивоҷҳо баъд аз руйдодҳои гуногуне ҳамчун: Сақифа, Сиффин, Ҷамал, Карбало ва … далели возеҳ ва равшан аст бар ин, ки ҳарчанд ин рӯйдодҳо аз ҷониби мусташриқин ва бархе ҷоҳилон бузург ҷилва дода шудаанд, аммо уммати исломӣ ба таври ом ва аҳли байт ба таври хос ин ихтилофотро нодида гирифта ва аҳамияте барои он қоил нашудаанд, вагарна иштибоҳоти бисёр возеҳ ва равшани таърихӣ дар асри Паёмбар (с) ва асри хулафои рошидин дида мешавад, ки барои тавсиаи доираи душманӣ ва хусумат ва дар ниҳоят барпойии фитна ва ошӯб ва пошидани тухми ихтилофот роҳи бисёр густардаро дар пеши роҳи онон қарор дода буд.

---

[1] Ансобул ашроф, Балозарӣ (1/381). Алмињбар, Ибни Њабиб (448).

[2] Ансобул ашроф (1/407). Насаби Ќурайш (1/20). Ал-фахрӣ фӣ ансоби-т-толибин (1/36). Умдату-т-толиб (113).

[3] Њамаи манбаъњо зимни ин масъала ба як назаранд.

[4] Насаби Ќурайш 1/24.

[5] Аш-шаљара ал-муборака, Фахри Розӣ.

# Имом Ҷаъфари Содиқ:
# “МАН АЗ ДУ ТАРАФ ФАРЗАНДИ АБӮБАКРИ СИДДИҚ ҲАСТАМ”

*Тарафи аввал:* аз тариқи модари Имом Ҷаъфари Содиқ,
Умми Фарва бинти Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ**
*Тарафи дуввум:* аз тариқи модарбузурги Имом Ҷаъфари Содиқ,
Асмо бинти Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ **




Худованд мефармояд: **“Муҳаммад (с) Паёмбари Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд”.** (Фатҳ, 29).

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلۡكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيۡنَهُمۡ﴾ الفتح: ٢٩

Худованд мефармояд: **“Бигӯ (эй Муҳаммад) (с), ман аз шумо барои даъват ҳеҷ музде наметалабам,ҷуз дӯстӣ дар қаробатро”.** (Шӯро, 23)

قال تعلى: ﴿قُل لَّآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ أَجۡرًا إِلَّا ٱلۡمَوَدَّةَ فِي ٱلۡقُرۡبَىٰ﴾ الشورى: ٣٢

Ин шаҷаранома баёнгари он аст, ки бар асоси сарчашмаҳои таърихии мусулмонон аҳли байт ва асҳоб бо ҳам ихтилофе надоштанд, фарзандонашонро ба номҳои якдигар номгузорӣ мекарданд ва издивоҷ байни онҳо қабл ва баъд аз фитна сурат мегирифтааст. Ин далели равобити самимӣ миёни аҳли байт, асҳоб ва тобеин аст. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

❋ “Умдатуттолиб фи насаби Оли Абитолиб” ли-ибни Анбата, (828 ҳ.) “Ҷуллул-маърифат” саҳ. 345; “Кашфулғумма фи маърифатил-аимма”-и Арбилӣ (693 ҳ.) “Дорул-азвоъ” 2/347; “ал-Асилӣ фӣ ансоби толибин”-и Ибни Тақтақӣ (709 ҳ.) “Мактабатул-маръашӣ” саҳ. 149; “Таҳзиб-ул-камол”-и Алмазӣ 75/5, 742 рақами 950; “Таҳзибут-таҳзиб”-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ (852 ҳ.) “ал-Кошиф” Заҳабӣ (748 ҳ.),1/295 №798.

** Санади ин ду валодат дар бисёр китобҳо мавҷуд аст аз ҷумла “Кашфулғумма”-и Арбилӣ м. 2 саҳ. 347, нашри “Дорул-азвоъ” - Бейрут, Лубнон.

***Воқеаҳои муҳим дар таърихи Ислом***
*(1) Вафоти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) - соли 11 ҳ. (2) Сақифаи бани Соъида - соли 11 ҳ.*
*(3) Воқеаи Ҷамал - Ҷимодулохири соли 36 ҳ. (4) Воқеаи Сиффин - Сафари соли 37 ҳ., (5) Шаҳодати Алӣ (разияллоҳу анҳу) - Рамазони соли 40 ҳ.*
*(6) Вафоти Ҳасан ибни Алӣ (разияллоҳу анҳу) - соли 49 ҳ. (7) Шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ (разияллоҳу анҳу) - Карбало, Муҳаррами соли 61.*

## Намунаи шашум

# МАН АЗ ДУ ҶИҲАТ ФАРЗАНДИ АБӮБАКРАМ!

Ба ин намуна таваҷҷӯҳ кун, нуктаи бисёр ҷолиберо дар худ дорад.

Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р), ки мулаққаб ба Содиқ аст, ба ҷадди худ (Абӯбакри Сиддиқ) ифтихор мекунад ва ба ӯ меболад ва бо ифтихор эълон медорад, ки ман аз ду ҷиҳат фарзанди Абӯбакрам:

Аз ҷиҳати якум: Содиқ аз тариқи модараш Умми Фарва духтари фақеҳи мардуми Мадина Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакр, ба бобои худ Абӯбакри Сиддиқ (р) мерасад.

Ва ҷиҳати дигар он аст, ки модари Умми Фарва Асмо духтари Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ аст.

Оё Содиқ ба касе ғайр аз аҳли тақво ифтихор мекунад?

Ва чаро Боқир бо Умми Фарва издивоҷ кард?

Хонандаи гиромӣ! Оё медонед, ки ин иртиботи хешовандӣ миёни ин ду хонадони шариф ва диндор то ҳафтод сол баъд аз вафоти Абӯбакр (р) идома пайдо кард?

Онҳо ғайр аз муҳаббат, дустӣ ва интихоби ҳамсарони наҷиб ва модарони шариф барои фарзандонашон ҳеҷ гуна ангезаи сиёсӣ ва иҷтимоъӣ надоштанд.

Оре, натиҷаи ин издивоҷ, имоми бузургворе ҳамчун Имом Ҷаъфари Соддиқ аст.

Имом Содиқ бар рағми ин, ки шӯҳрате дар боби фиқҳ ва илм дорад, дар китобҳои Саҳеҳи Муслим ва сунани чоргона низ аҳодиси саҳеҳ аз эшон ривоят шудааст.

Бояд, ки ҳамин тавр бошад, зеро падари эшон Имом Боқир аст ва падари холааш фақеҳи Мадина, Қосим ибни Муҳаммад аст ва дар маъдани илм ва дониш (Мадинаи набавӣ) рушд ва нумӯъ карда ва ниҳоят низ дар онҷо аз дунё рафтааст.

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР саллаллоҳу алайҳи ва саллам ВА ХОНАДОНИ УМАР ИБНИ ХАТТОБ разияллоҳу анҳу




**Нуктаи муҳим: Ин шаҷаранома дарбаргирандаи на ҳамаи насабҳо балки баъзе аз онон аст.**

Мувофиқати рақам, шакл ва ранг дар нақша далели хешовандӣ миёни ду шахс аз аҳли байти Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва хонадони Умар (разияллоҳу анҳу) аст.

**Сарчашмаҳои муҳими таърихӣ**

“ал-Маориф”-и Ибни Қутайба 232
“ат-Табақотул-кубро”-и Ибни Саъд 3/332
“Васоили шиа”-и ал-Ҳурри Омилӣ 20/240
“Насаби қурайш”-и Зубайрӣ 25
“Умдатут-толиб” 344
“Ансоб-ул-ашроф”-и Балозурӣ 1/474
“Мухталиф-уш-шиа”-и ал-Ҳиллӣ 2/304
“ал-Мабсут”-и Тӯсӣ 4/270
“ал-Асилӣ”-и Ибни Тақтақӣ, 58
“Биҳор-ул-анвор”-и Маҷлисӣ 44/168, 45/329

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Худованд мефармояд: **“Муҳаммад (с) Паёмбари Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд”.** (Фатҳ, 29).

Ин насабнома, ки бар асоси сарчашмаҳои таърихии муслимин аст робитаи гарми миёни аҳли байт, асҳоб ва хонадони ононро дар тули таърих нишон медиҳад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## Намунаи ҳафтум

# ХЕШОВАНДИИ САБАБӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (С) ВА ХОНАДОНИ УМАР ИБНИ ХАТТОБ (Р)

Китобҳои навишташуда дар насабшиносӣ ва муъаррифии ровиён, аз иртиботи хонаводагӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Умар (р) парда бардоштаанд ва маъруфтарини ин иртиботи хонаводагӣ, издивоҷи Паёмбар (с) бо Уммулмӯъминин Ҳафса (р) аст. Ин издивоҷи муборак дар соли сеюми ҳиҷрӣ баъд аз шаҳодати шавҳари Ҳафса (р) дар ҷанги Бадр сурат гирифт. Аммо хешовандии дуюм издивоҷи Умар ибни Хатоб (р) бо Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотимаи Заҳро (р) ва набераи Паёмбар (с) аст, ки дар соли 20-уми ҳиҷрӣ сурат гирифт. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки Умми Кулсум дар замони ҳаёти Паёмбар (с) таваллуд шуда буд[1].

Ҳангоме, ки баъд аз намози субҳ Алӣ ибни Абӯтолиб (р) падари Умми Кулсум ба шаҳодат ноил шуд Умми Кулсум мегӯяд: «**Мо лӣ ва лисалотил ғадот?**» ( Намози субҳ мехоҳад бо ман чӣ кунад?). Ӯ бо ироаи ин иборат мехост ба шаҳодати шавҳараш Умар (р) ишора кунад, ки баъд аз намози субҳ ба дасти Абӯлӯълӯи Маҷусӣ шаҳид шуд ва падараш Алӣ (р) низ баъд аз намози субҳ ба дасти Абдураҳмон ибни Мулҷам ба дараҷаи шаҳодат ноил омад ва хости Худованд (ҷ) бар он буд, ки писараш (Зайд ибни Умар) низ дар аснои намози субҳ ҷон бисупорад, яъне дар ҳамон лаҳзае, ки Умми Кулсум ҷон дод Зайд низ вафот фармуд, тавре, ки ҳеҷ кас намедонист кадом якеашон аз дигарӣ ирс мебарад[2].

Баъд аз шаҳодати Умар ибни Хаттоб (р) Умми Кулсум бо Авф ибни Ҷаъфар ибни Абӯтолиб издивоҷ кард ва баъд аз инки Авф низ вафот намуд Умми Кулсум бо бародари Авф (Муҳаммад) издивоҷ кард ва баъд аз вафоти вай бо Абдулло ибни Ҷаъфар издивоҷ намуд ва дар манзили ӯ вафот кард. Умми Кулсум мегуфт: «Аз Асмоа духтари Умайс (модари шавҳараш) хиҷолат мекашам, чун дуто аз фарзандонаш назди ман фавт карданд ва аз вафоти сеюмӣ низ воҳима дорам». Лозим ба зикр аст, ки Умми Кулсум барои ҳеҷ кадом аз фарзандони Ҷаъфар (р) фарзанде ба дунё наёвард[3]. Аммо иртиботи хонаводагии дигари ин ду хонадони бузург дар насли панҷум яъне дар миёни набераи набераҳояшон аст. Дар ин замон Ҳусайн ибни Алӣ ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб бо Ҷувайрия духтари Холид ибни Абӯбакр ибни Абдулло ибни Умар (р) издивоҷ мекунад ва барои бори дигар он иртиботи хонаводагӣ ва ухувату муҳаббатро тақвият мебахшанд.

---

[1] Барои огоњии бештар дар ин мавзуъ ба намунаи 8 нигаред.

[2] Риёзул масоил, Таботабої 12/446. Мустанаду шиа, Наро́кї (19/452). Таърихи Димишќ  зиндагиномаи Алї ибни Абўтолиб.

[3] Ибни Њаљар дар китоби «Ал-исоба» дар шарњи њоли Умми Кулсум ба нукоти боло ишора кардааст.

## Зайд ибни Умар ибни Хаттоб (раҳимаҳуллоҳ) мегуфт:

# “МАН ФАРЗАНДИ ДУ ХАЛИФА ҲАСТАМ”




قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Худованд мефармояд: **“Муҳаммад (с) Паёмбари Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд”.** (Фатҳ, 29).

Бо ин издивоҷ сарчашмаҳои таърихии мусулмонон ба муҳаббати шадид ва ногусастанӣ байни Умар ибни Хаттоб ва Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳумо гувоҳӣ доданд. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

### Муҳимтарин сарчашмаҳое, ки ин издивоҷро зикр кардаанд:

“ал-Асилӣ”-и Ибни Тақтақӣ, 58
“Биҳор-ул-анвор”-и Маҷлисӣ, 78/382
“ал-Бидоя ван-ниҳоя”-и Ибни Касир
“Таърихи ислом”-и Заҳабӣ, ҳаводиси соли 45
“Таърихи Димишқ”-и Ибни Асокир, тарҷумаи Зайд ибни Умар ибни Хаттоб
“аз-Зариъа”-и оғо Бузурги Теҳронӣ, 5/184
“Аъён-уш-шиа”-и Муҳсин Аминӣ, 3/486
“Риёз-ул-масоил”-и Таботабоӣ, 12/664
“Сияру аъломин-нубало”-и, Заҳабӣ, 3/502
“Табақот-ул-кубро”-и Ибни Саъд, 8/463
“Кашф-ул-лисом”-и Фозил Ҳиндӣ, 9/525
“Кифоят-ул-аҳком”-и Сабзаворӣ, 2/879
“Васоили шиа”-и ал-Ҳурри Омилӣ 26/314
“Мухталаф-уш-шиа”-и ал-Ҳиллӣ 2/308

## Намунаи ҳаштум
# МАН ФАРЗАНДИ ДУ ХАЛИФА ҲАСТАМ!

Зайд ибни Умар ибни Хаттоб (р) ба ду падари худ (Умар ва Алӣ (р)) ифтихор меварзид ва мегуфт: «Ман фарзанди ду халифа ҳастам», зеро модари ӯ ҳамон гуна, ки қаблан ишора кардем, Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотима (р) буд. Ҳокими Нишопурӣ бо зикри номи ровиён аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад (Имом Содиқ) аз падараш Имом Боқир ривоят карда, ки: Умар ибни Хаттоб (р) аз Алӣ ибни Абӯтолиб (р) Умми Кулсумро хостгорӣ кард ва гуфт: Ӯро ба никоҳи ман даровар ва Алӣ (р) дар ҷавоб гуфт: Ман ӯро барои бародарзодаам Ҷаъфар дар назар гирифтаам. Умар (р) гуфт: Ӯро ба никоҳи ман даровар, ба Худо савганд тавре аз ӯ мувозабат мекунам, ки ҳеҷ кас натавонад онгуна аз вай муҳофизат намояд. Пас Алӣ (р) духтарашро ба никоҳи Умар (р) даровард. Умар (р) баъд аз никоҳи Умми Кулсум назди муҳоҷирин рафт ва гуфт: Чаро ба ман табрик намегӯед? Гуфтанд: Магар чӣ шудааст? Гуфт: Ман бо Умми Кулсум духтари Алӣ ва Фотима (р) ва набераи Паёмбар (с) издивоҷ кардам. Ман аз Паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд:

«***Куллу насабин ва сабабин янқатиъу явмал қиёмати илло мо кона мин сабабӣ ва насабӣ» «фааҳбабту ан якуна байнӣ ва байна Расулиллоҳ (с) сабабун ва насабун***» (***Дар рӯзи қиёмат ҷуз хешовандии насабӣ ва сababӣ аз тариқи ман, ҳар гуна хешовандии насабӣ ва сабабии дигар қатъ мешавад***) ва Умар мефармояд: (*Аз ин рӯ хостам миёни худ ва хонадони Паёмбар (с) хешовандии насабӣ ва сабабӣ барқарор кунам).*

Натиҷаи ин издивоҷ ду фарзанд ба номҳои Зайд ва Руқия буд. Лозим ба зикр аст, ки Зайд дар ҳамон синни ҷавонӣ вафот ёфт ва зиёд умр надид ва ҳодисаи марги ӯ бар асари ихтилофе буд, ки миёни ду хонавода аз хонаводаҳои амакҳояш (Банӣ Удай) ба вуҷуд омада буд. Ӯ барои барқарор намудани сулҳ миёни онҳо берун рафта буд, ки ногаҳон зарбаи номаълуме ба сараш мехӯрад ва баъд аз он тӯле намекашад, ки Зайд ва модараш дар соли 45-уми ҳиҷрӣ дар як лаҳза аз дунё мераванд. Бародараш Абдулло ибни Умар (р) бар ӯ намоз хонд ва Ҳасан ва Ҳусайн (тағоҳои Зайд) низ пушти сари ӯ (Абдулло) бар ӯ намоз гузориданд[1]. Руқия духтари Умар ва Умми Кулсум (р) ба шахсе аз қабилаи Банӣ Удай ба номи Иброҳим ибни Наъим ибни Нуҳом издивоҷ кард[2].

---

[1] Шарњи њоли Зайд ибни Умар дар китоби «Таърихи Димишќ» Ибни Асокир омадааст.

[2] Шарњи њоли Иброњим ибни Нуњом дар китоби «Ал-исоба» Ибни Њаљар омадааст.

# УСМОН (ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД) ДАР МАНЗИЛИ НАБАВӢ





Мароҷеъ: Ҳамаи кутуби тароҷим ва риҷол ва таърихи муртабит ҳаммонанди:
- “Таъриху-л-ислом”. Асари Ҳофиз Заҳабӣ (соли 35 ҳ.)
- “Биҳору-л-анвор”. Асари Маҷлисӣ, 22/201.
- “Ал-вофӣ би-л-вафаёт”. Асари Сафдӣ, 20/28.
- “Таърихи Яъқубӣ” 2/162





Ин шакл ба сурати комилан возеҳ робитаи ҳазрати Усмон бо Паёмбар (с)-ро нишон медиҳад:
1. Ҷадди вай дар Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб, ҷадди сеюми Паёмбар (с), ба Паёмбар (с) мерасад.
2. Домоди Паёмбар (с) аст ва бо ду духтари Паёмбар (с) Руқайя (р) ва Умми Кулсум (р) издивоҷ кардааст.
3. Модарбузурги Усмон ибни Аффон (р) (Умми Ҳаким ал-Байзо бинти Абдулмутталиб) аммаи Паёмбар (с) ва ҳамзоди Абдуллоҳ, падари Паёмбар (с) аст.

## Намунаи нӯҳум

# УСМОН ИБНИ АФФОН (Р) ДАР БАЙТИ ПАЁМБАР (С)

Амири мӯъминон Усмон ибни Афон (р) сеюмин халифаи рошид, яке аз даҳ нафари мужда ёфта ба биҳишт ва ӯ аз собиқини аввалин аст. Ӯ ба Ҳабаша ва ба Мадина ҳиҷрат фармудаанд ва дар ҷоҳилият ва баъд аз зуҳури ислом низ сарвар ва солор буданд. Байъати **«Ризвон»** ба хотири вай баргузор шуд ва фазоили ин бузургвор бештар аз он аст, ки мо битавонем ҳамаи онро зикр намоем.

Усмон (р) аз хилоли иртиботҳои чоргонаи зер ба манзили Паёмбар (с) роҳ пайдо мекунад:

**1-** Ӯ писарамаки Паёмбар (с) аст, зеро насаби ин ду бузургвор дар Абдуманоф ибни Қусай бобои сеюми Паёмбар (с) ба ҳам мерасад. Усмон (р) фарзанди Аффон ибни Абулос ибни Умая ибни Абдушамс ибни Абдуманоф аст.

**2-** Модари Усмон ибни Аффон (р) Урвай духтари Курайз ва Байзо аст. Байзо низ духтари Абдулмутталиб ва хоҳари дугоники Абдулло (падари Паёмбар (с) ) мебошад.

**3-** Сипас шарофате ба Усмон (р) даст дод, ки ҳеҷ чизе бо он қобили муқоиса нест ва фазилате аст, ки бар ҳар чизи дигаре бартарӣ дорад. Усмон (р) қабл аз ҳиҷрат бо Руқия (р) духтари Паёмбар (с) издивоҷ кард ва ҳамроҳи ӯ ба Ҳабаша, сипас ба Мадина ҳиҷрат намуд ва тибқи дастури Паёмбар (с) ба ғазваи Бадр нарафт то аз Руқия (р), ки сахт бемор буд ва дар ҳамон беморӣ вафот намуд парасторӣ намояд.

**4-** Баъд аз вафоти Руқия (р) Паёмбар (с) духтари дуюмаш Умми Кулсумро низ ба никоҳи Усмон (р) даровард ва дар соли 9-уми ҳиҷрӣ ӯ низ дори фониро видоъ гуфт.

Дар саҳафоти баъд роҷеъ ба иртиботи Усмон (р) ва хонадонаш бо аҳли байти Паёмбар (с) тавзеҳоти бештареро ироа медиҳем.

# ҲУСАЙН ИБ

**(дар соли 4 ҳиҷрӣ мутаваллид ва д**

**الحسين سيدا شباب اهل الجنة**

**Расули акрам**

**“Ҳасан ва Ҳусайн сарвар**

***(Ба ривояти Имом Аҳмад, На***

## Касоне, ки бо Ҳусайн ба мубориза бархостанд

**Қабл аз ҷанг:** Аҳли Куфа ва фарзандонашон ба ҷанги ӯ рафтанд.

**Дар вақти ҷанг:** Убайдулло ибни Зиёд (касе, ки фармони ҷангро содир кард). Умар ибни Саъд (фармондеҳи лашкар) лашкаре, ки бо ӯ ҷангид. Хусусан ду нафаре, ки дар қатли Ҳусайн (р) нақши мустақим доштанд: Синон ибни Анаси Нахаъӣ, Шамр ибни Зилҷавшан.

## Касоне, ки ҳазрати Ҳусайнро таҳқир намуданд

1. Ҷамоъате аз аҳли Куфа, ки бо номаҳо ва навиштаҳояшон ӯро ба мӯҳлика андохтанд.
2. Язид ибни Муъовия, ки ба ёрии Ҳусайн (р) нашитофт ва касонеро, ки бо Ҳусайн (р) ҷангида буданд ба сазои амалашон нарасонид ва фақат Убайдулло ибни Зиёдро сарзаниш кард ва ба пардохти дият ба оли Ҳусайн иктифо кард.

## Касоне, ки ҳазрати Ҳусайнро ёрӣ намуданд

**Қабл аз ҷанг:** Саҳобагон ва аҳли байт, ки аз ӯ хостанд то ба Куфа наравад, аз қабили: Ибни Аббос, Ибни Умар, Ибни Зубайр, Муҳаммад ибни Алӣ машҳур ба “Ибни Ҳанафия”, Абдулло ибни Ҷаъфар ибни Абӯтолиб, Абдулло ибни Мутиъ, Абдулло ибни Аёш, Язид ибни Асам ва Убай Воқиди Лайсӣ.

**Дар вақти ҷанг:** Бародаронаш: Абӯбакр, Аббос, Усмон, Ҷаъфар ва Абдулло ва писаронаш ва писарони бародаронаш ва ҷамъе аз ёронаш, аз қабили: Ҳур ибни Язиди Тамимӣ.

**Баъд аз ҷанг:** Уламое, ки муборизакунандагони бо вайро фосиқ шумурданд ва ҳукми адами адолати ононро содир карданд, мисли:

- Абӯбакр ибни Хилол, ки гуфтааст: *Лаънати Худо бар касе, ки Ҳусайн ибни Алӣ, Умар, Усмон ва Алӣ-ро ба қатл расонд.*
- Тақиюддин ибни Таймия, ки гуфтааст: *Лаънати Худованд ва малоика ва ҳамаи мардум бар касе, ки ҳазрати Ҳусайнро кушт, дар қатли ӯ шарик ва ё розӣ ба он буд.*
- Қуртубӣ касе аст, ки дар мавриди Ҳусайн ва қотили ӯ гуфтааст: «Худо ҳазрати Ҳусайнро мавриди раҳмат қарор диҳад ва қотили ӯро мавриди раҳмат қарор надиҳад» ва ҳамчунин: «Худованд аз Ҳусайн розӣ бод ва аз қотилаш розӣ мабод».





1) “Сияри аъломи нубало”, 5/314 ва “Насаби Қурайш”, Ибни Баккор 5/57
2) “Ал-Иршод”, Муфид, с. 248 ва “Таърихи Табарӣ” 4/359, “Насаби Қурайш” 2/40.
3) “Таърихи Табарӣ” 5/270, “ал-Комил фи-т-таърих”, Ибни Асир (воқеаҳои соли 30 ҳ.) ва Таърихи Ибни Халдун 2/135.
4) “ал-Бидоя ва-н-ниҳоя”, Ҳофиз ибни Касир 8/151, “Таърихи Табарӣ” 6/148 ва “Бағяту-т-талаб фӣ таърихи Ҳалаб”, Ибни Адим 3/8.
5) Таърихи Ибни Халдун 2/128
6) “Мунтаҳа-л-омол”, Қумӣ, с. 568 ва “Нафсу-л-маҳмум” ,Аббоси Қумӣ с. 365.
7) “Таърихи Табарӣ” 4/346 ва “Мақотилу-т-толибин”, Абулфараҷи Исфаҳонӣ с. 80 ва “Амолию-с-садуқ” с. 226.
8) Биҳору-л-анвор” Маҷлисӣ 44/333, “Таърихи Димишқ”, Ҳофиз ибни Асокир 14/216, “Аъёну-ш-шиа” с. 26 ва “ал-Малҳама ал-Ҳусайния”, Муртазо Мутаҳҳарӣ 1/129.

# БНИ АЛӢ
ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД

## дар соли 61 ҳиҷрӣ ба шаҳодат расид)

قال رسول الله ﷺ الحسن و ا

фармуданд:
ри ҷавонони биҳиштанд".
*асоӣ, Тирмизӣ ва Ибни Моҷа)*




9) "Минҳоҷу-с-сунна" Ибни Таймия 4/557 ва "Таърихи Табарӣ" 3/339, "Бағяту-т-талаб фӣ таърихи Ҳалаб", Ибни Адим 3/38, "ал-Иршод", Муфид 2/122, "Биҳору-л-анвор" Маҷлисӣ 45/146
10) "ал-Бидоя ва-н-ниҳоя" 8/174, "Таърихи Димишқ" 14/201, "ал-Фусулу-л-муҳимма" Ибни Сабboғ 2/802, "Мақотилу-т-толибин", Исфаҳонӣ с. 73 ва "Биҳору-л-анвор" Маҷлисӣ 45/146
11) "Таърихи Табарӣ" 4/343, "Аъёну-ш-шиа", Муҳсин ал-Амин 2/302, "Шарҳу-л-ахбор", Нӯъмонӣ 3/177, "Мақотилу-т-толибин", Исфаҳонӣ с. 75.
12) "ас-Сунна", Имом Халлол, 3/522
13) "Маҷмӯъу-л-Фатово", Ибни Таймия 4/487 ва "Минҳоҷу-с-суннати-н-набавийя", Ибни Таймия 4/550
14) "ат-Тазкира", Куртубӣ, 2/215

## Фарзандони Ҳусайн

Алӣ (Зайнулобиддин) Муҳаммад, Ҷаъфар, Алии Акбар, Сакина ва Фотима (Умар ва Абдуллоҳи Разиъ ва Алии Асғар, ки дар санади он ихтилоф аст).[1]

## Бародарон ва хоҳаронаш

Алӣ ибни Абӯтолиб писарони зиёде доштааст, ки машҳуртарин онҳо иборатанд аз:
- Ҳасан: бародари шақиқи Ҳусайн.
- Муҳаммад (Ибни Ҳанафия).
- Абӯбакр, Аббос, Усмон, Ҷаъфар ва Абдуллоҳ, ки бо Ҳусайн шаҳид шуданд.
- Умар (ки дертар аз писарони дигари Алии Муртазо вафот намуд).[2]

## Домодҳояш

| Ҳамсарони Сакина | Ҳамсарони Фотима |
|---|---|
| 1. Абдуллоҳ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб | 1. Ҳасан ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб |
| 2. Мусъаб ибни Зубайр ибни Аввом | 2. Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон |
| 3. Асбағ ибни Абдулазиз ибни Марвон ибни Ҳакам | |
| 4. Зайд ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон | |
| 5. Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Ҳаким ибни Ҳизом | |
| 6. Иброҳим ибни Абдураҳмон ибни Авф | |

"Таърихи Бағдод", Хатиби Бағдодӣ 5/368; "Сияру аълому-н-нубало" 11/265; "Ансобу-л-ашроф" Бalозурӣ (дар боби зикри абнои Ҳусайн), "Аъёну-ш-шиа", Мӯҳсину-л-амин 3/492; "ат-Таъриху-л-авсат", Имом Бухорӣ, 1/345: "Таърихи Димишқ", Ҳофиз ибни Асокир" 9/170; "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб, с. 438; "Миръоту-л-ҷинон", Ёфаӣ, 1/117; "Мақотилу-т-толибин", Абулфараҷи Исфаҳонӣ, с. 120 *(Дар байни муаррихин ихтилофи назар роҷеъ ба тартиби ҳамсарони Сакина вуҷуд дорад. Се нафар аз ҳамсарони вай муддате кӯтоҳ пас аз издивоҷ вафот намуданд)*

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (дуруду саломи Худо бар ӯ) ВА ХОНАДОНИ УСМОН ИБНИ АФФОН (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)




Саҳоба — Яке будани шумора ва шакл нишонидиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз аҳли байти Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ) ва хонадони Усмон (Худованд аз ӯ розӣ бод) аст.

**Муҳимтарин манобеъ ва масодир:**

- "Таърихи Димишқ", Ибни Асокир
- "Табақоти кубро", Ибни Саъд
- "Ҷамҳарату-л-ансоби-л-араб", Ибни Ҳазм
- "Насаби Қурайш", Зубайр ибни Баккор
- "Умдат-у-толиб", Ибни Анба
- "Ансобу-л-ашроф", Балозурӣ
- "Таърихи Яъқубӣ
- "Мақотилу-т-толибин", Абӯлфараҷи Исфаҳонӣ
- "Мунтаҳа-л-омол", Аббос Алқамӣ
- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб
- "ал-Асилӣ", Ибни Тақтақӣ
- "Кашфу-л-ғумма", Арбилӣ

**Нуктаи муҳим:**
**Ин шаҷаранома дарбаргирандаи бархе аз хешовандиҳо ва насабҳост, на ҳамаи онҳо.**

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои марҷаъи мусалмонон аст, робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳобро нишон медиҳад ва баёнгари он аст, ки иртиботи хешовандӣ миёни онон қабл ва баъд аз он вақоеъ идома доштааст ва истимрори робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳоб ва хонадони онҳоро мерасонад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## Намунаи даҳум

# ХЕШОВАНДИИ САБАБӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (С) ВА ХОНАДОНИ УСМОН (Р)

Дар ин намуна ба таври возеҳ ва равшан роҷеъ ба вуҷуди ҳашт иртиботи хонаводагӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Усмон (р) баҳс шудааст, ҳамон гуна, ки ба нукоти зерин низ ишора шудааст:

**1-** Насаби Усмон (р) ва насаби Паёмбар (с) дар Абдуманоф бобои саввуми Паёмбар (с) ба ҳам мерасанд.

**2-** Усмон (р) бо ду духтари Паёмбар (с) (Руқия ва Умми Кулсум) издивоҷ кардааст.

**3-** Иртиботи хонаводагӣ миёни ин ду хонадон то панҷ насл идома пайдо мекунад ва дар ин миён фарзанди Усмон (р) Абон ва наберааш Марвон ибни Абон ва Абдулло ва Зайд ду фарзанди Амр ибни Усмон (р) ва бархе дигар аз набераҳои эшон бо хонадони Паёмбар (с) васлат мекунанд.

**4-** Аз миёни набераҳои Ҳасан (р) ду издивоҷ аз миёни набераҳои Ҳусайн (р) се издивоҷ бо насли Усмон (р) сурат мегирад.

Возеҳ ва равшан аст, ки издивоҷ василаи маҳкам барои тақвияти иртиботи хонаводагӣ ва иҷтимоъӣ мебошад ва ҳар андоза ин издивоҷҳо бештар бошанд равобит низ қавитар мегарданд.

Ҳоло ба назари шумо вуҷуди ин хешовандии сабабӣ дар тӯли чанд насл пай дар пай рамзе барои пирӯзии Паёмбар (с) дар тарбияти хонадон ва саҳобагон ва ёронаш нест?

*Лозим ба зикр аст, ки ин иртиботи хонаводагӣ ба фарзандон ва набераҳояшон низ сироят мекунад.*

Бо диққат ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунед. Оё шумо розӣ ҳастед иртиботи хонаводагӣ бо касоне барқарор намоед, ки ислом ва ахлоқи онҳоро намеписандед ва ё инки роҷеъ ба адовати онон бо хонаводаи худ машкук ҳастед?

Агар шумо ба ин кор ризоият намедиҳед, пас инро бидонед, ки аҳли байт ва саҳобагони бузургвор бисёр ҷиддитар дар ин хусус қадам бармедоштанд.

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ ПАЁМБАР (ДУРУДУ САЛОМИ ХУДО БАР Ӯ) ВА АМАКЗОДАҲОЯШОН




Равобити хешовандии аҳли байт бо Усмон ибни Аффон ва наберагонаш (Худо аз ҳамаи онҳо розӣ бод) ба хотири аҳамият ва касрат дар бахше мустақил зикр шудааст.

**Нуктаи муҳим:**
**Ин шаҷаранома дарбаргирандаи бархе аз хешовандиҳо ва насабҳост, на ҳамаи онҳо.**

Саҳоба *(Худо аз онон розӣ бод)*

Яке будани шумора ва шакл нишонидиҳандаи хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз Банӣ Ҳошим ва амакзодаҳояшон аст.

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои марҷаъи мусалмонон аст, робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳобро нишон медиҳад ва баёнгари он аст, ки иртиботи хешовандӣ миёни онон қабл ва баъд аз он вақоеъ идома доштааст ва истимрори робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳоб ва хонадони онҳоро мерасонад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

**Муҳимтарин манобеъ ва масодир:**

- "Таърихи Димишқ", Ибни Асокир
- "Табақоти кубро", Ибни Саъд
- "Ҷамҳарату-л-ансоби-л-араб", Ибни Ҳазм
- "Насаби Қурайш", Зубайр ибни Баккор
- "Умдат-у-толиб", Ибни Анба
- "Ансобу-л-ашроф", Балозурӣ
- "Таърихи Яъқубӣ
- "Мақотилу-т-толибин", Абулфараҷи Исфаҳонӣ
- "Мунтаҳа-л-омол", Аббос Алқамӣ
- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб
- "ал-Асилӣ", Ибни Тақтақӣ
- "Кашфу-л-ғумма", Арбилӣ

## Намунаи ёздаҳум

# ХЕШОВАНДИИ САБАБӢ МИЁНИ АҲЛИ БАЙТИ ПАЁМБАР (С) ВА АМАКЗОДАҲОЯШ

Ин намуна мумкин аст нисбат ба дигар намунаҳо бандҳои бештаре дошта бошад. Бо инки хешовандии Усмон ибни Аффонро дар як намунаи мустақил зикр кардем, аммо ҳақоиқи мутаъаддиде боқӣ мондааст, ки аз хилоли ин намуна ба он пай хоҳед бурд:

**1-** Аҳли байти Паёмбар (с) ба далели ин хешовандиҳои сабабӣ дар тӯли наслҳо пай дар пай аз ҷомеаи худ ҷудо нагаштанд.

**2-** Се то аз духтарони Паёмбар (с) бо ин хонаводаи Қурайшӣ издивоҷ мекунанд. (Агар ҳазрати Усмонро ба унвони меъёр қарор диҳем).

**3-** Дар ин намуна хоҳем дид, ки аҳли байти Паёмбар (с) ҳашт хешовандии сабабиро бо хонадони Усмон (р), шаш хешовандии сабабиро бо хонадони Марвон ибни Ҳакам ва чор хешовандии сабабиро бо хонадони Абӯсуфён барқарор намудаанд.

**4-** Дар ин намуна хоҳем дид, ки сездаҳ хешовандии сабабӣ бо хонадони Алӣ (р) сурат гирифта аст.

**5-** Бештари ин хешовандии сабабӣ баъд аз рӯйдодҳои (Сиффин, Ҷамал, Карбало) сурат гирифтанд.

**6-** Чор хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с) ва хонадони Абӯсуфён сурат гирифтааст, ки шарифтарини онҳо издивоҷи Паёмбар (с) бо Умми Ҳабиба (р) духтари Абӯсуфён мебошад[1].

[1] Насаби Умми Њабиба бо Паёмбар (с) нисбат аз дигар њамсаронаш наздиктар аст.

# ЗУБАЙР (ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД) ДАР МАНЗИЛИ ПАЁМБАР




Мароҷеъ: Ҳамаи кутуби тароҷим, риҷол ва таърихи муртабит бо мавзӯъ монанди:
- "Сияру аъломи-н-нубало", Ҳофиз Заҳабӣ 1/43
- "ал-Исоба", Ҳофиз ибни Ҳаҷар (шарҳи ҳоли Зубайр)
- "ал-Қавоид ва-л-фавоид" Муҳаммад ибни Маккӣ Омилӣ 2/327
"Мустадракоту илму-р-риҷол", Алӣ Намозии Шоҳрудӣ, (7175) ҷ. 3/419

робитаи падарию фарзандии мустақим

робитаи падарию фарзандии ғайримустақим

(р) - саҳобӣ

Ин шакл хешовандии бисёр наздики Зубайр ибни Аввом, ҳавории Расули Худоро (дуруду саломи Худо бар ӯ) бо Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ) возеҳ нишон медиҳад:

1. Ӯ писари амаки Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ) аст, ки нисбаташ дар Қусай ибни Килоб ба вай мерасад.
2. Ӯ писари аммаи Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ) Сафия бинти Абдулмутталиб аст.
3. Ӯ писари бародари ҳазрати Хадиҷа бинти Хувайлид уммул-мӯъминин ва ҳамсари Паёмбар (дуруду саломи Худо бар ӯ) аст.
4. Ӯ писари тағои ҳазрати Фотимаи Заҳро аст.

## Намунаи дувоздаҳум

# ЗУБАЙР (Р) ДАР МАНЗИЛИ ПАЁМБАР (С)

Зубайр ибни Авом ибни Хувайлид ибни Абдулуззо ибни Қусай ибни Килоби Қурайшии Асадӣ (Абӯабдулло) (р) ба унвони ҳавории Паёмбар (с) шӯҳрат ёфт. Ӯ писараммаи Паёмбар (с) (Сафия (р) духтари Абдулмутталиб) ва яке аз даҳ ёри биҳиштӣ ва яке аз шаш нафари аҳли шӯро мебошад. Модараш кунияи Абӯтоҳирро барои ӯ баргузид, ки дар асл кунияи Зубайр ибни Абдулмутталиб (бародари Сафия (р)) буд ва Зубайр (р) низ кунияи Абӯтоҳиро барои писараш (Абдуллоҳ) ба кор бурд.

Зубайр (р) дар синни дувозадаҳсолагӣ ва ба ривояти дигар дар синни ҳаштсолагӣ ислом овардааст.

**Зубайр ибни Авом (р) аз чанд тариқ бо манзили Паёмбар (с) иртибот пайдо мекунад:**

**1-** Насаби вай дар «Қусай ибни Килоб» бобои чаҳоруми Паёмбар (с) ба насаби Паёмбар (с) яксон мегардад.

**2-** Модари Зубайр(р) Сафия (р) духтари Абдулмутталиб ибни Ҳошими Қурайшӣ аст, ки аммаи Паёмбар (с) ва хоҳари падару модарии Ҳамза (р) аст. Модари Сафия (р) холаи Паёмбар (с) (Ҳола духтари Ваҳаб) аст. Сафия (р) аввал бо Ҳорис ибни Ҳарб ибни Умая издивоҷ кард, аммо пас аз марги ӯ бо Авом ибни Хувайлид ибни Асад ибни Абдулуззо издивоҷ кард ва ду фарзанд ба номҳои Зубайр ва Соиб ба дунё овард. Сафия (р) ислом оварда ва ҳамроҳи писараш (Зубайр (р)) ба Мадина ҳиҷрат кард ва то замони хилофати Умар (р) дар қайди ҳаёт буд.

**3-** Уммулмӯъмин Хадиҷа (р) духтари Хувайлид, ки нахустин зани мӯъмин ва сарвари занони ду ҷаҳон аст, аммаи Зубайр (р) мебошад.

**4-** Аз ин рӯ Фотима (р) духтари Паёмбар (с) духтараммаи Зубайр (р) аст.

Пас ҳақ дорем, ки бо садои баланди танинандоз бигӯем: Зубайр (р) аз наздикони Паёмбар (с) буд.

# ИЗДИВОҶИ БАЙНИ ХОНАДОНИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ ВА ХОНАДОНИ ЗУБАЙР ИБНИ АВВОМ

ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД

**14 Иртиботи хешовандӣ байни оли Алӣ ва оли Зубайр дар тӯли 100 сол**

ҚУСАЙ ИБНИ КИЛОБ

АБДУЛМУТТАЛИБ ИБНИ ҲОШИМ ИБНИ АБДУМАНОФ → АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ

ХУВАЙЛИД ИБНИ АСАД ИБНИ АБДУЛЪУЗЗО → ЗУБАЙР ИБНИ АВВОМ

| | | |
|---|---|---|
| → ФОТИМА | ○ | МУНЗИР ← УБАЙДА |
| → ҲАСАН → ҲАСАН → МУЛАЙКА | ○ | ҶАЪФАР ← МУСЪАБ |
| → ҲАСАН → РУҚАЙЯ | ○ | АМР ← МУНЗИР |
| → ҲАСАН → ҲАСАН → АБДУЛЛОҲ → МУҲАММАД | ○ | ФОХТА ← ФУЛАЙҲ ← МУҲАММАД ← МУНЗИР |
| → ҲАСАН → ҲУСАЙН | ○ | АМИНА ← ҲАМЗА ← МУНЗИР |
| → ҲАСАН → НАФИСА (умми ҲАСАН) | ○ | ← АБДУЛЛОҲ |
| → ҲУСАЙН → САКИНА | ○ | ← МУСЪАБ |
| → ҲУСАЙН → АЛӢ → ҲУСАЙН | ○ | ХОЛИДА ← ҲАМЗА ← МУСЪАБ |
| → ҲУСАЙН → АЛӢ → УМАР → МӮСО | ○ | УБАЙДА ← ЗУБАЙР ← ҲИШОМ ← УРВА |
| → ҲУСАЙН → АЛӢ → УМАР → ҶАЪФАР | ○ | ФОТИМА ← УСМОН ← УРВА |
| → ҲУСАЙН → АЛӢ → ҲУСАЙН → ИБРОҲИМ | ○ | БАРИКА ← УБАЙДУЛЛОҲ ← МУҲАММАД ← МУНЗИР |
| → ҲАСАН → ҲАСАН → АБДУЛЛОҲ → МУҲАММАД | ○ | АМИНА ← МУСЪАБ ← МУСЪАБ |
| → МУҲАММАД → АЛӢ → АВН → МУҲАММАД | ○ | САФИЯ ← МУҲАММАД ← МУСЪАБ |
| → ҲУСАЙН → АЛӢ → ҲУСАЙН → АБДУЛЛОҲ | ○ | УММИ АМР ← АМР ← ЗУБАЙР ← АМР |

**Нуктаи муҳим: Ин шаҷаранома шомили қисмате аз издивоҷҳо ва насабҳост, на ҳамаи онҳо.**

Саҳоба

○ Робитаи издивоҷ

→ Робитаи падару фарзандӣ

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Дар ин шаҷаранома китобҳои марҷаъи мусалмонон шаҳодат медиҳанд ва изҳор мекунанд онҷиро, ки мӯҷиби истимрории робитаи гарм миёни аҳли байт ва асҳоб ва наберагони онҳо дар тӯли таърих аст. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## Манобеъ ва масодир:


- "Насаби Қурайш", Зубайрӣ 19.26
- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб 57
- "Мустадракоту илми-р-риҷол", Намозӣ 8226
- "ал-Маҷдӣ фӣ ансоби-т-толибин", Алӣ ибни Муҳаммад Алавӣ 195
- "Мӯъҷаму-р-риҷолу-л-ҳадис", Хавнӣ 12/76
- "ал-Маориф", Ибни Қутайба 224
- "Шаҷараи Тубо" Муҳаммад Маҳдӣ Ҳозарӣ 120
- "Ҷамҳарату ансоби-л-араб", Ибни Ҳазм 22,53,55
- "Сирру силсилати-л-алавия" Абӯнасри Бухорӣ, 8,69,78,79
- "Табақоти кубро", Ибни Саъд 5/327

## Намунаи сездаҳум

# ИЗДИВОҶ БАЙНИ ХОНАДОНИ АЛӢ (Р) ВА ХОНАДОНИ ЗУБАЙР (Р)

Ин намуна пурракунандаи матолибе аст, ки то кунун дар мавриди дӯстӣ миёни аҳли байт ва саҳобагон ба таври куллӣ ва миёни хонадони Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ва хонадони Зубайр (р) ба таври ҷузъӣ зикр шудааст.

**1-** Ин издивоҷҳо баъд аз воқеаи Ҷамал дар соли 36-уми ҳиҷрӣ рух дода ва баёнгари он аст, ки воқеаи Ҷамал мояи буғз ва кина байни онон нашудааст ва даъвоҳои пуче, ки мусташриқон ва бархе ҷоҳилон аз рӯи кинаварзӣ ва ҳасодат ба он нисбат медиҳанд поя ва асосе надорад ва дурӯғе беш нест.

**2-** Чордаҳ издивоҷ дар тӯли як қарн ва байни шаш силсилаи насаби онон сурат гирифтааст.

**3-** Шаш гурӯҳ аз ин издивоҷҳо бо афроди аз хонаводаи Ҳасан ибни Алӣ (р) рух дода, ки шомили: Издивоҷ бо духтари вай Руқия ва Нафиса, издивоҷ бо се набера (ду писар ва як духтар ба номи Малика) мебошад ва Абдулло (мулаққаб ба Нафсу закия) набераи Имом Ҳасан (р) ду бор бо афроде аз хонаводаи Зубайр (р) издивоҷ кардааст.

**4-** Шаш гурӯҳ аз ин издивоҷҳо бо афроде аз хонаводаи Ҳусайн ибни Алӣ (р) буда, ки шомили духтари вай Сакина ва панҷ нафар аз набераҳои вай мебошад.

**5-** Аз аъзои хонаводаи Мусъаб ибни Зубайр (р) панҷ нафар бо хонаводаи Алӣ (р) издивоҷ карданд.

# ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ ВА ХОНАДОНИ ТАЛҲА ИБНИ УБАЙДУЛЛОҲ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)




Саҳоба

Яке будани **шумора, шакл ва ранг** нишони хешовандӣ миёни он ду шахси бузургвор аз аҳли байти Паёмбар ﷺ ва хонадони Талҳа аст.

**Нуктаи муҳим: Ин шаҷаранома шомили қисмате аз хешовандиҳо ва насабҳост, на ҳамаи онҳо.**

## Муҳимтарин манобеъ ва масодир:

- "Насаби Қурайш", Зубайрӣ 25
- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб, 438, 448, 450
- "Мақотилу-т-толибин", Абулфараҷи Исфаҳонӣ 122
- "Ансобу-л-ашроф", Балозурӣ 1/474
- "ал-Маориф", Ибни Қутайба 232
- "Тоҷу-л-маволид", Табарсӣ 35
- "Ҷамҳарату ансоби-л-араб", ибни Ҳазм 52
- "ал-Иршод" Муфид, 2/130

قال تعلى: ﴿مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ ٱللَّهِ ۚ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ أَشِدَّآءُ عَلَى ٱلْكُفَّارِ رُحَمَآءُ بَيْنَهُمْ﴾ الفتح: ٢٩

Ин шаҷаранома, ки бар асоси китобҳои марҷаъи мусалмонон аст, робитаи гарм миёни аҳли байт ва асҳобро нишон медиҳад ва истимрори робитаи самимӣ миёни аҳли байт ва асҳоб ва хонадони онҳо дар тӯли таърихро мерасонад. Пас бояд аз масоили таҳрифшуда дар таърих парҳез кард.

## Намунаи чордаҳум

# ИРТИБОТИ ХЕШОВАНДӢ МИЁНИ ХОНАДОНИ АЛӢ (Р) ВА ХОНАДОНИ ТАЛҲА (Р)

Дар ин намуна далоили бештаре бар радди дурӯғпардозиҳо дар мавриди ҷанги Ҷамал хоҳед ёфт, ки шуморо барои парҳез аз он дурӯғпардозиҳо таҳрик мекунад ва дар ин ҷо бояд пурсид, ки чӣ чизе аҳли байтро барои издивоҷ бо хонадони Зубайр (р) **-** чунончи ишора шуд - ва хонадони Талҳа(р) - чунончи хоҳед дид - бармеангезад, агар кина ва буғзи дил дарунашонро фаро гирифтааст?

Талҳа писари Убайдуллоҳ ибни Усмон ибни Амр ибни Каъб ибни Тайм ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб аст. Насабаш Қурайшӣ ва аз қабилаи Тайм аст. Абӯмуҳаммад (Талҳа) яке аз даҳ нафаре аст, ки муждаи биҳиштро дарёфт карданд ва яке аз ҳашт нафаре аст, ки аз ҳамон ибтидо ислом оварданд ва яке аз панҷ нафаре аст, ки бинобар ба даъвати Абӯбакр (р) ба ислом рӯй оварданд ва яке аз шаш нафари аҳли шӯро аст, ки ҳазрати Усмонро ба хилофат баргузиданд. Фазилат ва собиқаи хадамоти ин бузургвор ба ислом барои ҳамагон возеҳ ва равшан аст ва мо дар ин намуна танҳо ба нукоти зер ишора мекунем:

**1-** Ҳасан ибни Алӣ (р) бо Умми Исҳоқ (духтари Талҳа) издивоҷ мекунад ва дар натиҷаи ин издивоҷ фарзанде ба номи Ҳасан ба дунё меояд.

**2-** Баъд аз вафоти Ҳасан ибни Алӣ (р) бинобар васияти ӯ бародараш (Ҳусайн ибни Алӣ (р)) бо Умми Исҳоқ издивоҷ мекунад ва фарзанде ба номи Фотимаи суғро ба дунё меоварад.

**3-** Савол: Оё Ҳасан (р) ва Ҳусайн (р) дар маъракаи Ҷамал ширкат надоштанд? Ҳоло агар маъракаи Ҷамал онгуна буда, ки мусташриқин ва бархе ҷоҳилон ба он пардохтаанд, пас чаро инҳо бо насли Талҳа (р) издивоҷ кардаанд.

Ҳушёр бошед! Ҳушёр бошед! Зеро дасиса ва ҳиллагарҳое пинҳонӣ шубҳаҳоеро дар таърих ворид намудаанд.

**4-** Абдулло (Алмаҳз) писари Ҳасан ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва Авн ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абӯтолиб яке пас аз дигаре бо Ҳафса духтари Умрон ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Талҳа издивоҷ карданд.

**5-** Абадаҳ духтари Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб бо Нӯҳ ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Талҳа издивоҷ кард.

**6-** Хонандаи гиромӣ! Аҳли байт ва асҳоби бузургвори Расули Худо ба унвони намуна ва пешво ҳамеша дар пайи ҳифзи иттиҳоди исломӣ буданд.

# ДОМОДҲОИ ҲУСАЙН ИБНИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ (ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД) АЗ МИЁНИ ФАРЗАНДОНИ АСҲОБ (ХУДОВАНД АЗ Ӯ (ОНҲО) РОЗӢ БОД)




Ҳамаи ин издивоҷҳо баъд аз воқеаи Карбало (61 ҳиҷрӣ) сурат гирифтааст, ғайр аз издивоҷи Ҳасан (ал-Мусанно) бо Фотима ва Абдуллоҳ ибни Ҳасан бо Сакина

* Бародари халифаи рошид Умар ибни Абдулазиз

Саҳобӣ

Саҳобӣ ва аз аҳли байт

Робитаи падару фарзандӣ

Номи шавҳар

Номи шавҳар ва аз аҳли байт

Робитаи издивоҷ

Зиёд будани ҳамсарони Сакина сабабҳои зиёде дорад, ки метавон шаҳодат, қатл ё умри кӯтоҳи баъзе аз ҳамсаронашро аз он ҷумла баршумурд. Фақат яке аз изидоҷҳояш бо талоқ анҷомида аст.

## Муҳимтарин манобеъ:

- "Таърихи Димишқ", Ибни Асокир
- "Табақоти кубро", Ибни Саъд
- "Ҷамҳарату-л-ансоби-л-араб", Ибни Ҳазм
- "Насаби Қурайш", Зубайр ибни Баккор
- "Аъёну-ш-шиа", Мӯҳсин Амин Омилӣ
- "Ансобу-л-ашроф", Балозурӣ
- "Тазкирату-л-фуқаҳо", Ҳиллӣ
- "Мақотилу-т-толибин", Абулфараҷи Исфаҳонӣ
- "Мунтаҳа-л-омол", Аббос Алқамӣ
- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб
- "ал-Асилӣ", Ибни Тақтақӣ
- "Кашфу-л-ғумма", Арбилӣ

## Намунаи понздаҳум

# ДОМОДҲОИ ҲУСАЙН ИБНИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ (Р) АЗ МИЁНИ ФАРЗАНДОНИ АСҲОБ

Акнун ба фарзандони Ҳусайн ибни Алӣ (р) ба хусус Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ (р) ва ду хоҳараш (Фотима ва Сакина) ишора мекунем. Мо дар таҳқиқоти худ ба ин натиҷа расидем, ки инҳо низ ҳамроҳи падари шаҳидашон дар рӯйдоди Карбало ширкат доштанд. Аммо нукоти мавриди назари мо иборатанд аз:

**1-** Ҳасан (Алмусанно) писари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва ҳамсари Фотима духтари Ҳусайн ибни Алӣ (р) дар ҳодисаи дилхароши Карбало бо захми заъиф наҷот пайдо кард. Ӯ аз Фотима се писари наҷиб ба номҳои Ҳасан (Алмусаллас), Абдуллоҳ (Алмаҳз) ва Иброҳим (Алғамр) ва ду духтар ба номҳои Зайнаб[1] ва Кулсум[2] доштанд.

**2-** Фотима баъд аз вафоти Ҳасан (Алмусанно) дар соли 97-уми ҳиҷрӣ бо Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон (мулаққаб ба Мутраф) издивоҷ кард ва писаре ба номи Дебоҷ ва духтаре барои ӯ ба дунё овард.

**3-** Сукайна духтари Ҳусайн низ бо Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб издивоҷ кард[3]. Ин бузургвор, ки кунияаш Абӯбакр буд дар воқеаи (Таф) ҳамроҳи хонаводааш шаҳид шуд.

**4-** Сукайна баъд аз Абдуллоҳ бо Мусъаб ибни Зубайр ибни Авом издивоҷ кард ва фарзанде ба номи Фотима барои ӯ ба дунё овард.

**5-** Баъд аз инки Мусъаб дар соли 71-уми ҳиҷрӣ ба қатл расид Абдуллоҳ ибни Усмон ибни Абдуллоҳ ибни Ҳаким ибни Ҳазом бо Сукайна издивоҷ кард ва дар натиҷаи ин издивоҷ се фарзанд ба номҳои Усмон (мулаққаб ба Қарин), Ҳаким ва Рабиҳа ба дунё омаданд.

**6-** Сукайна баъд аз вафоти Абдуллоҳ бо Зайд ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон издивоҷ кард.

**7-** Баъд аз вафоти Зайд Иброҳим ибни Абдурраҳмон ибни Авф бо Сукайна издивоҷ кард аммо баъд аз се моҳ ӯро талоқ дод.

**8-** Сипас Асбағ ибни Абдулъазиз ибни Марвон ибни Ҳакам бародари халифаи рошид Умар ибни Абдулъазиз бо Сукайна издивоҷ кард, аммо хеле зуд аз дунё рафт.

Дар ин хусус нукоти зер қобили таваҷҷӯҳ мебошанд:

**а-** Дар бештари издивоҷҳои Сукайна бародараш Алӣ ибни Ҳусайн (р) валӣ ва сарпарасти ӯ будааст.

**б-** Ду нафар аз шавҳарони Сукайна аз ҳамон рӯзҳои аввали издивоҷ ба қатл расидаанд ва яке дигар аз онҳо вафот карда ва дигаре низ баъд аз чанд моҳ ӯро талоқ медиҳад. Ин нукта баёнгари он аст, ки Сукайна шавҳарони зиёде доштааст.

**в-** Ончи қобили таваҷҷӯҳ аст, ин аст, ки шавҳарони Сукайна аз миёни фарзандон ва наберaҳои саҳобагон ба вижа афроде ҳамчун Усмон (р), Зубайр (р) ва Абдурраҳмон ибни Авф (р) ҳастанд ва ин баёнгари вуҷуди ниҳояти муҳаббат ва дӯстӣ, ҳатто миёни набераҳои онҳо мебошад.

---

[1] Валид ибни Валид (халифаи амавӣ) бо ӯ издивоҷ кард.

[2] Бо писари тағои худаш Имом Муҳаммади Боқир издивоҷ намуд.

[3] Дар баъзе аз манбаъҳо номи ӯро Қосим гуфтаанд.

# МУҲАММАД БОҚИР

## МУҲАММАД ибни АЛӢ ибни ҲУСАЙН ибни АЛӢ ибни АБӮТОЛИБ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)

(таваллуд соли 56 ҳ. - вафот соли 114 ҳ.)

### УСТОДОНИ ВАЙ аз саҳоба

- Уммулмӯъминин УММИ САЛАМА (Ҳинди Махзумӣ) (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)
- АБӮСАИДИ ХУДРӢ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)
- АНАС ИБНИ МОЛИКИ АНСОРӢ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)
- ҶОБИР ИБНИ АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)
- АБДУЛЛОҲ ИБНИ АББОСИ ҲОШИМӢ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)
- АБДУЛЛОҲ ИБНИ УМАР ИБНИ ХАТТОБ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)

### АЗ ГУФТОРИ БОҚИР (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)

Аз Боқир роҷеъ ба тазйини шамшер суол шуд, ӯ дар посух гуфт: “Ишколе надорад, зеро Абӯбакри Сиддиқ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод) низ шамшери худро музайян мекард”. Ба ӯ гуфта шуд, чаро калимаи “сиддиқ”-ро барои Абӯбакр ба кор мебаред? Имом фавран рӯ ба қибла истода ва се бор гуфт: “Оре, мегӯям “Сиддиқ” ва ҳар кас “сиддиқ”-ро барои ӯ ба кор набарад, Худо дар дунё ва охират сухани ӯро тасдиқ нахоҳад кард”.

бештар аз **240** ривоят дар кутуби нӯҳгона дорад

### ДАР БОРАИ БОҚИР (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод) МЕГӮЯНД

Дар замони худаш сарвари Банӣ Ҳошим буд. Маъруф ба “Боқир” ба маънии “шикофандаи улум” аст, чун аз назари илмӣ бисёр дақиқ ва огоҳ буд.

### МОДАРИ ВАЙ

УММИ АБДУЛЛОҲ БИНТИ ҲАСАН ИБНИ АЛӢ ИБНИ АБӮТОЛИБ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)

### АЗ ҲАМСАРОНАШ

УММИ ФАРВА БИНТИ ҚОСИМ ИБНИ МУҲАММАД ИБНИ АБӮБАКРИ СИДДИҚ (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)


**Мароҷеъ:**

- ”Умдат-у-толиб”, Ибни Анба, 345
- ”Сияру аъломи-н-нубало”, Ҳофиз Заҳабӣ 4/402
- ”Кашфу-л-ғумма”, Арбилӣ 2/360
- ”ал-Асилӣ”, Ибни Тақтақӣ, 149
- ”Таҳзибу-л-камол”, Ҳофиз Мизӣ 26/137
- ”Тазкирату-л-ҳуффоз”, Ҳофиз Заҳабӣ, 1/124

## Намунаи шонздаҳум
## ИМОМ МУҲАММАД БОҚИР (Р)

Ин намуна роҷеъ ба имоми бузургвор Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ[1] ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб аст. Ӯ дар соли 56-уми ҳиҷрӣ дар шаҳри Мадина таваллуд шудааст. Чун аз назари илмӣ бисёр дақиқ ва огоҳ будааст лақаби Боқирро ба вай додаанд. Машҳуртарин устодони ин бузургвор гурӯҳе аз саҳобагон ҳастанд, ҳамчун Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (р), Анас ибни Молик (р), Абӯсаъиди Худрӣ (р), Абдуллоҳ ибни Амр (р) ва Абдуллоҳ ибни Аббос (р). Ин нукта баёнгари вуҷуди иртиботи илмӣ ва фарҳангӣ миёни аҳли байт ва саҳобагони гиромӣ аст. Сарфи назар аз китобҳои тафсир ва дигарҳо, дар муҳимтарин китобҳои ҳадис 244 ривоят аз Имом Боқир нақл шудааст.

Ҳамчунон, ки қаблан низ баён доштем Имом Боқир домоди хонадони Абӯбакри Сиддиқ (р) буд, зеро бобояш (Паёмбар (с)) бо Оиша (р) издивоҷ карда ва амаки падараш Ҳасан ибни Алӣ (р), бо Ҳафса духтари Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ (р) издивоҷ карда ва ҳамчунин бародарзодааш Исҳоқ ибни Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Ҳусайн бо хонадони Абӯбакр (р) оила барпо карданд ва аз ухуват ва бародарӣ ва муҳаббату вафодории онҳо ниҳоят истифода бурдаанд. Бинобар ин, ӯ низ ба табаият аз ин насли шарифи худ бо Фарва духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ (р) издивоҷ кард ва дар натиҷаи ин издивоҷ фарзанде ба номи Содиқ чашм ба ҷаҳон кушод.

Ин намунаро бо зикри ривояти Арбалӣ аз Имом Боқир ба поён мерасонам, он гоҳ, ки роҷеъ ба зинат додани шамшер аз Имом Боқир суол мекунад, ӯ дар посух мегӯяд: Ишколе надорад, зеро Абӯбакри Сиддиқ (р) шамшери худро зинат медод. Арбалӣ мегӯяд: Гуфтам: Чаро калимаи Сиддиқро барои вай ба кор мебаред? Имом дар посух рӯ ба қибла истода ва бо садои муҳиб се мартаба пушти сари ҳам гуфт: Оре! Сиддиқ мегӯям ва ҳар кас калимаи Сиддиқро барои ӯ ба кор набарад Худованд дар дунё ва охират сухани ӯро тасдиқ нахоҳад кард[2].

[1] Алӣ ибни Њусайн падари Имом Муњаммад Боќир аст, ки ўро ба Имом Зайналобиддин ёд мекунанд.
[2] Кашфул ѓумма, 2/360.

# ҲАФСА - ДУХТАРИ МУҲАММАДИ (ДЕБОҶ), НАБЕРАИ ХУЛАФОИ РОШИДИН ВА ТАЛҲАВУ ЗУБАЙР (Худованд аз ӯ (онҳо) розӣ бод)




Ин шакл нишондиҳандаи равобити иҷтимоии қавӣ ва иртибототи хешовандӣ ва издивоҷ байни аҳли байт ва асҳоби киром (р) аст. Ҳамон тавр, ки мебинед Ҳафса бинти Муҳаммади (Дебоҷ) набераи Абӯбакри Сиддиқ, Умар ибни Хаттоб, Усмон ибни Аффон, Алӣ ибни Абӯтолиб, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Зубайр ибни Аввом (р) мебошад, ки муаккад ва нишондиҳандаи умқи равобити иҷтимоӣ ва хешовандӣ байни аҳли байт ва саҳоба (р) мебошад.

**Мароҷеъ:**

- "ал-Миҳбар", Ибни Ҳабиб 1/404
- "ал-Мадҳаш" Ибни Ҷавзӣ 69
- "ал-Ҷавҳара фӣ насаби-н-набӣ ва-л-ъашара" ал-Барӣ 1/273
- "Шарҳи Наҳҷу-л-балоға", Ибни Абулҳадид" 15/266

Робитаи падару фарзандӣ

Робитаи издивоҷ

Аҷдоди Ҳафса аз даҳгонаи башоратёфта ба биҳишт

## Намунаи ҳабдаҳум

# ҲАФСА ДУХТАРИ МУҲАММАДИ ДЕБОҶ ВА НАБЕРАИ ХУЛАФОИ РОШИДИН ВА НАБЕРАИ ТАЛҲА ВА ЗУБАЙР (Р)

Баъд аз гузашти 150 сол аз ҳиҷрати Расули Худо (с) ҳанӯз ҳам миёни набераҳои аҳли байт ва саҳобагони гиромӣ иртибот ва ҳамбастагӣ барқарор буд, далел барои ин иддио ҳамин намуна аст:

Ҳафса духтари Муҳаммади Дебоҷ ибни Абдуллоҳ (Мутраф) ибни Амр ибни халифаи рошид ва имоми одил (Усмон ибни Афон (р)) аст.

Ҳафса аз ҷиҳоти мухталиф духтари Паёмбар (с), Абӯбакр (р), Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р), Талҳа (р) ва Зубайр (р) мебошад.

- Модари ӯ Хадиҷа духтари Усмон ибни Урва ибни Зубайр аст.

- Ва модари Урва Асмоа духтари Абӯбакр (р) аст.

- Ва модари Муҳаммади Дебоҷ, Фотима духтари Ҳусайн ибни Алӣ (р) аст.

- Ва модари Фотима духтари Ҳусайн, Умми Исҳоқ духтари Талҳа ибни Убайдуллоҳ аст.

- Ва модари Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон, Ҳафса духтари Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб аст. Ҳафса ба Зайнаби духтари Умар ибни Хаттоб низ шӯҳрат дошт.

Хонандаи гиромӣ! Оё ин ҳамбастагии хонаводагии аҷиб ва шигифтангезро тасаввур мекардӣ?

Бубинед, ки фарзандони аҳли байт ва саҳобагони гиромӣ чӣ гуна аз ҳар ихтилофе гузашт кардаанд.

# МОДАРОНИ МӮЪМИНОН

## ҲАМСАРОНИ ПАЁМБАРИ ГИРОМӢ

## (САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ)




Теъдоди аҳодисе, ки тавассути бархе аз ҳамсарони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст ба шарҳи зайл аст:
Оиша - 2210, Умми Салама - 378, Маймуна - 78, Умми Ҳабиба - 65, Ҳафса - 60, Зайнаб бинти Ҷаҳш - 11, Сафия - 10, Ҷувайрия - 7, Савда - 5

- Ҳамсари Паёмбар (с)
- Насаби падарии Паёмбар (с)
- Алоқаи падарӣ ва фарзандии бевосита
- Алоқаи падарии бо восита (байни падарбузург ва яке аз наберагон)

## Намунаи ҳаждаҳум

# УММАҲОТУЛМӮЪМИНИН Ё ҲАМСАРОНИ ПАЁМБАР (С)

Акнун иртиботи насабии ҳамсарони ҳазрати Паёмбарро бо хонадони он бузургвор мавриди баҳс қарор медиҳем. Шумо дар ин намуна бо 11 ҳамсари Паёмбар (с) ошноӣ пайдо мекунед, ки номҳояшон тибқи қаробати насабии онҳо ба Паёмбар (с) мураттаб шудааст:

**1-** Аз миёни ҳамсарони Паёмбар (с) Ҷувайра духтари Ҳориси Мусталақӣ хориҷ аз силсилаи насаби Паёмбар (с) мебошад, зеро бинобар қавли дурусттарин ӯ аз қабилаи Қаҳтония аст ва ҳамчунин Сафия духтари Ҳуяй ибни Ахтаб низ ҷудо аз он силсила мебошад, чун ӯ ҳам аз наберaҳои Исҳоқ ибни Иброҳими Халилуллоҳ аст.

**2-** Ҷуз Хадиҷа ва Зайнаб духтари Хузайма ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) баъд аз он бузургвор дори фониро видоъ гуфтанд.

**3-** Ҳамаи онҳо дар қабристони Бақиъ дафн шудаанд, ҷуз Хадиҷа, ки дар «Ҳаҷун» дар Макка ва Маймуна, ки дар «Сараф» ба хок супурда шудаанд.

**4-** Баъд аз вафоти Паёмбар (с), Зайнаб духтари Ҷаҳш (р) дар соли 20-уми ҳиҷрӣ қабл аз ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) ба онҳо пайваст.

Уммулмӯъминин Зайнаб (р) бо Паёмбар (с) аз тариқи модараш (Умайма духтари Абдулмутталиб аммаи Паёмбар (с) иртиботи насабӣ дошт.

**5-** Шумори аҳодисе, ки тавассути баъзе аз ҳамсарони Паёмбар (с) ривоят шудааст ба шарҳи зайл аст:

Оиша (р) (2210), Умми Салама (р) (378), Маймуна (р) (78), Умми Ҳабиба (р) (65), Ҳафса (р) (60), Зайнаб духтари Ҷаҳш (р) (11), Сафия (р) (10), Ҷувайрия (р) (7) ва Савда (р) (5).

**6-** Аз миёни ҳамсарони Паёмбар (с) танҳо ҳазрати Оиша (р) душиза будааст.

**7-** Умми Салама (р) дар соли 41-уми ҳиҷрӣ баъд аз ҳамаи ҳамсарони Паёмбар (с) вафот кард, ҳамон гуна, ки Маймуна (р) низ охирин ҳамсаре буд, ки Паёмбар (с) бо ӯ васлат намуд.

Ин силсилаи насаби модарони мӯъминон аст, ки насаби муборaки онҳо бо насаби шарифи Паёмбар (с) дар иртибот мебошад.

# ДАҲ ЁРИ БИҲИШТӢ




Яке аз даҳгонаи башоратёфта ба биҳишт

Насаби падарии Паёмбар (с)

Нисбати падарӣ ва фарзандӣ

Ҷадди даҳуми Музар

**Санаи валодат ва вафоти ёрони биҳиштӣ**

1. Абубакри Сиддиқ 51 қ.ҳ. - 13 ҳ.қ. (573-633 м.)
2. Умар ибни Хаттоб 40 қ.ҳ. - 23 ҳ.қ. (584-646 м.)
3. Усмон ибни Аффон 47 қ.ҳ. - 35 ҳ.қ. (575-656 м.)
4. Алӣ ибни Абӯтолиб 23 қ.ҳ. - 40 ҳ.қ. (600-661м.)
5. Талҳа ибни Убайдуллоҳ 28 қ.ҳ.-36 ҳ.қ. (596-656 м.)
6. Зубайр ибни Аввом 28 қ.ҳ. - 36 ҳ.қ. (596-656 м.)
7. Абдурраҳмон ибни Авф 44 қ.ҳ. - 32 ҳ.қ. (580-652 м.)
8. Саъд ибни Абӯваққос 23 қ.ҳ. - 55 ҳ.қ. (603-675 м.)
9. Саъид ибни Зайд 27 қ.ҳ. -51 ҳ.қ. (595-671 м.)
10. Абуубайда ибни Ҷарроҳ 40 қ.ҳ. - 18 ҳ.қ. (584-639 м.)

**РАЗИЯЛЛОҲУ ТАЪОЛО АНҲУМ**

қ.ҳ. - қабл аз ҳиҷрат ҳ.қ. -ҳиҷрӣ-қамарӣ м- мелодӣ

## Намунаи нуздаҳум

# ДАҲ ЁРИ БИҲИШТӢ

Ин намуна роҷеъ ба иртиботи насаби шарифи Паёмбар (с) бо насаби даҳгонаи биҳиштӣ аст. Лозим ба зикр аст, ки ҳадисҳои фаровоне дар хусуси биҳиштӣ будани ин даҳ нафар ривоят шудааст, аз ҷумла ончи Абӯдовуд дар китоби Сунани Абӯдовуд (ҷ1\саҳ 623) ривоят кардааст:

Саъид ибни Зайд аз ҷояш бархост ва гуфт: Гувоҳӣ медиҳам, ки аз Паёмбар (с) шунидам, ки мефармуд: ***Даҳ нафар аз аҳли биҳишт ҳастанд: Паёмбар дар биҳишт аст, Абӯбакр дар биҳишт аст, Умар дар биҳишт аст, Усмон дар биҳишт аст, Алӣ дар биҳишт аст, Талҳа дар биҳишт аст, Зубайр ибни Авом дар биҳишт аст, Саъд ибни Молик дар биҳишт аст, Абдурраҳмон ибни Авф дар биҳишт аст ва агар бихоҳам метавонам нафари даҳумро низ ном бибарам.*** Саъид мегӯяд: Саҳобагон ду мартаба пай дар пай гуфтанд: Ӯ кист? Паёмбар (с) фармуд: ***Саъид ибни Зайд аст.***

Акнун ба нукоти зер таваҷҷӯҳ кунед:

**1-** Онҳо ҳамон гуна, ки дар даъвати исломӣ наздик буданд, дар насаб низ бо ӯ қаробат доштанд.

**2-** Исмоил ибни Иброҳими Халилуллоҳ бобои ин даҳ нафар мебошад.

**3-** Ҳар гуна бадгӯӣ дар хусуси яке аз онҳо бадгӯи дар ҳаққи насаб ва насли Паёмбар (с) аст.

**4-** Аз миёни ин даҳ нафар Саъд (р) ва Абдурраҳмон (р) аз қабилаи Бани Заҳра (дояҳои Паёмбар (с)) ҳастанд.

**5-** Ва Абӯбакри Сиддиқ (р) ва писари амакаш (Талҳа (р)) аз қабилаи Бани Тайм ҳастанд.

**6-** Умар (р) ва Саъид ибни Зайд (р) низ, ки амакзодаи ҳамдигар ҳастанд аз қабилаи Бани Удай ҳастанд.

**7-** Аз миёни ин даҳ нафар танҳо падари Абӯбакри Сиддиқ (р) ислом овард.

**8-** Хулафои чоргона ва шаш нафари аҳли шуро ҳамон касоне ҳастанд, ки муждаи биҳиштро дарёфт карданд.

**9-** Абӯбакр (р) қабл аз ҳама ва Саъд ибни Абӯваққос (р) баъд аз ҳама дори фониро видоъ гуфтанд.

**10-** Умар (р), Усмон (р), Алӣ (р), Талҳа (р) ва Зубайр (р) ба шаҳодат расиданд.

**11-** Даҳ ёри биҳиштӣ аз Аҳли Бадр ҳастанд, ғайр аз Усмон (р) ҳамаи онҳо аз аҳли Байъати Ризвон низ буданд. Лозим ба зикр аст, ки Байъати Ризвон ба хотири Усмон (р) баргузор шуд.

# ФУТӮҲОТИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ ТО ОХИРИ ДАВРАИ ХУЛАФОИ РОШИДИН



## Намунаи бистум

# ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ ТО ПОЁНИ АСРИ ХУЛАФОИ РОШИДИН

Ин нақша баёнгари вусъати футӯҳоти хулафои рошидин ва тавсеаи сареъи давлати исломӣ дар давоми сӣ сол аст.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки миллатҳои сарзаминҳои фатҳшуда дини Ислом ва забони онро пазируфтанд ва ҳамроҳи мусулмонон барои фатҳи дигар нуқтаҳои ҷаҳон равонаи майдони набард шуданд. Пас аҳли байт ва саҳобагони гиромӣ қабл аз фатҳи сарзаминҳо ва шаҳрҳои ҷаҳон дилҳои бошандагони онҳоро фатҳ мекарданд.

Шумо метавонед васоили ҷангӣ ва сайру сафар дар он аср ва замонро тасаввур кунед, сипас онро бо ҳаҷм ва андозаи футӯҳоти исломӣ муқоиса кунед, то ба мизони ихлос ва шуҷоати аҳли байт ва саҳобагони Паёмбар (с) ва ёрии Худованд барои онон ва мисдоқи ояти зер пай бибаред, ки Худованд мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَنصُرُواْ ٱللَّهَ يَنصُرۡكُمۡ وَيُثَبِّتۡ أَقۡدَامَكُمۡ ۝٧

**«Агар (дини) Худоро ёрӣ кунед Худо шуморо ёрӣ мекунад (**ва бар душманонатон пирӯз мегардонад) **ва гомҳоятонро устувор медорад** (ва кору боратонро истиқрор мебахшад)**».** (Муҳаммад: 7)

Ин нақша ҳамчунин аз номи шумори зиёде аз саҳобагони фармондеҳ дар футӯҳоти исломӣ парда бармедорад, ки ҷиҳати таблиғи дин ва ёрирасонӣ ба шариати илоҳӣ нуқоти мухталифе аз шарқу ғарбро паймуданд.

Ва инак намунае аз аҳли байти Паёмбар (с), ки бар асари футӯҳоти исломӣ роҳии диёри ғурбат шудаанд: Ибни Абдулбари Андалусӣ мегӯяд:

*«Қабрҳои ҳеҷ қабилае ба андозаи қабрҳои Бани Аббос ибни Абдулмутталиб аз ҳам дур нагаштаанд, зеро модарашон (Умми Фазл) онҳоро дар як манзил ба дунё овард, аммо Фазл дар Аҷнодайн шаҳид шуд, Муъаббад ва Абдурраҳмон дар Африқо вафот намуданд, Абдуллоҳ дар Тоиф, Убайдуллоҳ дар Яман ва Қусам дар Самарқанд дори фониро видоъ гуфтанд ва Кусайр дар Янбаъ бар асари беморие ҷон супурд»*[1].

Ҳамон гуна, ки аз нақша пайдост Ҳасан (р), Ҳусайн (р), Абдуллоҳ ибни Умар (р), Абдуллоҳ ибни Аббос (р), Абдуллоҳ ибни Зубайр (р) ва Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос (р) дар соли 30-уми ҳиҷрӣ барои фатҳи Ҷурҷон ва Тамиса дар шарқ ва дар соли 26-уми ҳиҷрӣ барои фатҳи Африқо ва Сабитлаҳ дар ғарб ҳамроҳи дигар саҳобагон мушоракат кардаанд.

---

[1] Ал-истиоб, 1/59.

# ФЕҲРАСТ


**Пешгуфтори мутарҷим**……………………………………………………………...………..4
**Пешгуфтор**…………………………………………………………………………........…...10
**Намунаи якум:** Хешовандии сабабӣ миёни Паёмбар (с)
ва хулафои рошидин………………...…………………………...13
**Намунаи дуюм:** Духтарони Паёмбар (с)……… …………….……………...….............15
**Намунаи сеюм**: Издивоҷи Алӣ ибни Абӯтолиб (р) бо Фотимаи Заҳро (р)……17
**Намунаи чаҳорум:** Номҳое, ки Алӣ (р) ва фарзандонаш дӯст медоштанд…...19
**Намунаи панҷум:** Хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с)
ва Абӯбакри Сиддиқ (р)……………………… ……………......21
**Намунаи шашум:** Ман аз ду ҷиҳат фарзанди Абӯбакрам…………….............…23
**Намунаи ҳафтум:** Хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с)
ва хонадони Умар ибни Хаттоб (р)……………….......…...........25
**Намунаи ҳаштум:** Ман фарзанди ду халифа ҳастам!........................ ……….......27
**Намунаи нӯҳум:** Усмон ибни Аффон (р) дар байти Паёмбар (с)…... …………29
**Намунаи даҳум:** Хешовандии сабабӣ миёни хонадони Паёмбар (с)
ва хонадони Усмон (р)………………………………………......….33
**Намунаи ёздаҳум**: Хешовандии сабабӣ миёни аҳли байти Паёмбар (с)
ва амакзодаҳояш………………………………………………......…..35
**Намунаи дувоздаҳум**: Зубайр (р) дар манзили Паёмбар (с)……….....................37
**Намунаи сездаҳум**: Иртиботи хешовандӣ байни хонадони Алӣ
ва хонадони Зубайр (р)…………………………………………39
**Намунаи чордаҳум:** Иртиботи хешовандӣ миёни хонадони Алӣ
ва хонадони Талҳа (р)…………………………………………..….41
**Намунаи понздаҳум:** Домодҳои Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб (р)
аз миёни фарзандони саҳобагон…………………………........43
**Намунаи шонздаҳум:** Имом Муҳаммад Боқир (р)…………..............................45
**Намунаи ҳафдаҳум:** Ҳафса духтари Муҳаммади Дебоҷ ва набераи
хулафои рошидин ва Талҳ ва ва Зубайр (р)………………...…..47
**Намунаи ҳаждаҳум:** Уммаҳотул-мӯъминин ё ҳамсарони Паёмбар (с)…….….49
**Намунаи нуздаҳум:** Даҳ ёри биҳиштӣ…………………………........................51
**Намунаи бистум:** Давлати исломӣ то поёни асри хулафои рошидин……......53